A
O'zbekiston

Бани одам аъзои якдигаранд!

آوازتاجیك

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924).
«Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940).
«Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

8 марти соли 2020.
Якшанбе
№ 21 (14620)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

*«Бешубҳа, тамоми падару модарон орзу мекунанд, ки фарзандонашон сиҳҳату саломат, ҳамаҷониба солим ба воя расанд, соҳиби дониш ва касбҳои замонавӣ бошанд, дар ҷамъият мақоми сазовори худро пайдо кунанд. Тавре ки маълум аст, барои муваффақ шудан ба ин мақсади нек ҳоли ҳозир дар низоми таълими мамлакат ислоҳоти амиқ амалӣ мегарданд. Соли равон бобати кулан зиёд кардани миқдори кӯдакистонҳо ҳамчун ҳалқаи асосии ҷараёни тарбия чораҳо татбиқ мешаванд.»*

***Ш. МИРЗИЁЕВ.***

# ЗАН ХУШБАХТ БОШАД, ОИЛА ВА ҶАМЪИЯТ ҲАМ ХУШБАХТ МЕШАВАНД



***Баҳор фаро расид, айёми шукуфоӣ омад. Дарахтон муғҷа мебанданд, тамоми мавҷудоти зиндаи замин бедор мешавад, мардум ин айёми солро бо хушнудӣ истиқбол мегирад.***

***Дар ҳама ҷо нафаси баҳор мушоҳида мегардад, суруди мурғон ба гӯш мерасад, лаклакҳо ба ватани худ бармегарданд. Духтарон гул мечинанд, бадеҳа мегӯянд. Дар ҳамин рӯзҳо мо аввалин ҷашни баҳорӣ – 8 мартро, ки кайфияти баҳориву зебоӣ мебахшад, эҳёи табиат аст, таҷлил мекунем.***

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨




## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МАРОСИМИ ТАНТАНАВӢ БАХШИДА БА РӮЗИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ЗАНОН

Бонувони муҳтарам!

Аз таҳти дил шумо, тамоми занони Ӯзбекистонро бо ҷашни зебои 8 Март муборакбод менамоям. Орзуву омоли самимии манро, ки бахту саодат ва фаровонҳолии шумост, қабул фармоед.

Ҳамватанони муҳтарам!

Инсоният аз қадимулайём ба симои Модари муқаддас, зан арҷ мегузорад. **Муҳаббати зиндагибахшои модар моро ба корҳои бузург рӯҳбаланд месозад, мо саъй дорем, ки сарзамини худро ба кишвари зебои шукуфон табдил диҳем. Туфайли дуои модарон, фидокории бонувон дар мамлакат сулҳу салоҳ мустаҳкам мегардад, меҳнати мунтазами мо натиҷа мебахшад, ҳаёт бо нури накӯӣ дурахшон мегардад, аз мазмуну муҳтавои беш аз пеш амиқ саршор мешавад.**

Маълум аст, ки дараҷаи маданият ва маърифати ҳама гуна ҷамъият, пеш аз ҳама, аз рушди зеҳниву маънавии занон вобаста мебошад. Тавре ки таърих собит менамояд, дар тарбияи бисёр шахсиятҳои бузург модарони ғамхор, занони соҳибхирад нақши муҳим бозидаанд.

Солҳои охир дар мамлакати мо таъмин сохтани ҳуқуқ ва манфиатҳои занон, баробарии гендерӣ, ҳифзи оила, модару кӯдак, рушди соҳибкории занона, барои занон фароҳам овардани ҷойҳои корӣ, беҳтар намудани шароити ҳаёт ва меҳнати онҳо сиёсати афзалиятноки давлатӣ гардид.

Алҳол табассуми шуморо дидаву хурсандиро дар чашмҳоятон мушоҳида карда, мо ба он эътимод ҳосил мекунем, ки фаъолиятамон дар самти мазкур самараҳои нахустин медиҳанд. Мо тамоми нирӯ ва имкониятҳои худро барои идома додани ин кори нек ва минбаъд баланд бардоштани самаранокии он сафарбар менамоем.

Дӯстони азиз!

Ҳоли ҳозир дар натиҷаи татбиқ намудани ислоҳоти васеъмиқёси демократӣ фаъолнокии занон дар ҷараёнҳои ҷамъиятиву сиёсӣ меафзояд. Инро интихобот ба парлумони мамлакат ва Шӯроҳои маҳаллӣ, ки моҳи декабри соли гузашта баргузор шуд, бори дигар намоиш дод.

Бинобар натиҷаи интихобот занон 32 фоизро ташкил доданд, ё худ аз 150 нафар депутатҳои интихобшудаи Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис 48 нафарашон занон буданд. Дар Сенат ва Шӯроҳои маҳаллӣ нишондиҳандаи мазкур аз 25 фоиз гузашт.

**Бояд қайд кард, ки бори аввал дар таърихи Ӯзбекистон натиҷаи интихобот ба тавсияҳои СММ вобаста ба миқдори намояндагони занон ба парлумони миллӣ мувофиқат кард. Мувофиқи миқдори занони депутат парлумони мамлакати мо дар байни 190 парлумонҳои миллии ҷаҳон ба мақоми 37-ум баромад, ин дар ҳоле, ки эътибор диҳед, ҳанӯз 5 сол муқаддам мо дар руйхати мазкур дар ҷойи 128-ум будем.**

Алҳол дар созмонҳои давлативу ҷамъиятӣ зиёда аз 1380 нафар занон дар вазифаҳои роҳбарӣ кор мекунанд.

Хурсандиовар аст, ки 16 нафар занони муҳтарами мо ба мукофоти олии Ватан – унвони «Қаҳрамони Ӯзбекистон» сазовор шудаанд. Дар байни занон докторони илм, профессорону академикҳо кам нестанд, садҳо нафар унвонҳои «Муаллимаи халқӣ», «Шоираи халқӣ», «Ҳунарпешаи халқӣ»-ро доранд.

Мо ба саҳми занон дар рушди истеҳсолот, соҳаҳои таълим, тиб, илм, маданият, варзиш баҳои баланд медиҳем.

Тавре ки маълум аст, бори аввал дар таърихи парлумони миллии мо зан – муҳтарама Танзила Камоловна Норбоева Раиси Сенат интихоб шуд.

Дар мамлакат миқдори занон – вазирон, ҳокимон, роҳбарони иттиҳодияҳои истеҳсолӣ, бонкҳо ва ширкатҳо, кормандони масъули мақомоти ҳуқуқу тартибот, афсарони Қувваҳои Мусаллаҳ меафзояд.

Ба қарибӣ ба мансаби бағоят масъул – ҳокимони ноҳияҳо ва шаҳрҳо бонувони сазовор, ташаббускору дорои иқтидори ташкилотчигӣ таъин гардиданд. Чунончи, дар ноҳияи Бӯстони вилояти Андиҷон – Садбархон Мамитова, дар ноҳияи Олоти вилояти Бухоро – Наргиза Неъматова, дар ноҳияи Тӯрақӯрғони вилояти Намангон – Зулайхо Маҳкамова, дар шаҳри Каттақӯрғони вилояти Самарқанд – Гавҳар Алимова, дар ноҳияи Боёвути вилояти Сирдарё –Дилфуза Уралова, дар ноҳияи Қаршии вилояти Қашқадарё – Махсуда Мустафоева роҳбар таъин шуданд.

Ин занон, ки сазовори эҳтироми бузург ва эътимоди мардум гардидаанд, дар чорабинии имрӯза иштирок доранд. Иҷозат диҳед онҳоро самимона муборакбод намоям ва дар фаъолияти масъулашон комёбиҳо орзу кунам.

Моро он чиз хурсанд мекунад, ки дар мамлакат бонувоне, ки бо фаъолнокии ҷамъиятии худ ва корҳои некашон ба дигарон ибрат мегарданд, торафт меафзоянд. Кори неки соҳибкор Изроба Усмонова аз шаҳри Риштони вилояти Фарғона дар матбуот эълон шуд ва боиси акси садои зиёд гардид. Вай ба онҳое, ки дар шароитҳои душвори моддӣ зиндагӣ мекунанд, маблағи худро, ки тӯли солҳои зиёд барои зиёрати ҳаҷ ғун кардааст, беподош бахшид.

Дар маҳаллаи «Ӯзбекистон»-и ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё боз як зани хуб, депутати Шӯрои ноҳиявӣ Гавҳар Ҳусанова зисту зиндагӣ мекунад. Хушдомани вай Гулбаҳорапа дар фаъолияти омӯзгории худ ҳазорҳо адад китоб ҷамъ оварда буд. Гавҳар ба ин хазина китобҳои дигар зам намуда, аз пасандозаш барои сокинони деҳа китобхонаи бузурги «Мумтоз»-ро бунёд намуд.

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

**Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ДАР БОРАИ МУКОФОТОНӢ БО ҶОИЗАИ ДАВЛАТИИ БА НОМИ ЗУЛФИЯ

Ба мақсади арҷгузорӣ ба занон, баланд бардоштани нақш ва мақоми онҳо дар ҷомеа, дастгирӣ намудани орзуву омоли неки онҳо, сазоворона рағбатноксозии духтароне, ки бо қобилият ва фаъолияти намунавиашон ба ҷавонон ибрат буда, иқтидор ва имкониятҳои худро дар соҳаву ҷанбаҳои мухталиф татбиқ менамоянд, дар ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолнокиву ташаббускорӣ зоҳир мекунанд:

1. Пешниҳоди Комиссияи оид ба Ҷоизаи давлатии ба номи Зулфия дар бораи ба духтарони соҳибистеъдод аз Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд барои ахлоқи олӣ, қобилияти нодир, ҷасорату ташаббускорӣ, комёбиҳо дар хониш, ҳамчунин дастовардҳои махсус дар соҳаҳои таълим, илм, адабиёт, санъат, варзиш ва фаъолияти ҷамъиятӣ додани Ҷоизаи давлатии ба номи Зулфия мувофиқи рӯйхати иловагӣ маъқул дониста шавад.

2. Ба барандагони Ҷоизаи давлатии ба номи Зулфия дипломҳо ва нишони сарисинагӣ дар вазъи тантанавӣ, ки вобаста ба таҷлили Рӯзи байналмилалии занон – 8 март баргузор мегарданд, супурда шаванд.

3. Ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон супурда шавад, ки ба ҳар кадом барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Зулфия додани мукофоти пулиро дар ҳаҷми 50 каратаи миқдори ҳисобу китоби пойгоҳӣ таъмин намояд.

4. Ба Оҷонсии иттилоот ва коммуникатсияҳои оммавии назди Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Оҷонсии миллии иттилоотии Ӯзбекистон, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ӯзбекистон, дигар воситаҳои ахбори оммавӣ тавсия дода шавад, ки фаъолияти намунавӣ, қобилияти нодир ва дастовардҳои барандагони Ҷоизаи давлатии ба номи Зулфияро васеъ равшан намоянд.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А. Арипов ва мушовири Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. Қудбиев гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*4 марти соли 2020*

***

Замима ба қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон №ҚП-4626 аз «4» марти соли 2020

## РӮЙХАТИ

### барандагони Ҷоизаи давлатии ба номи Зулфия

Ибрагимова Назокат Мухтаровна – магистранти курси 1-уми Донишгоҳи давлатии Қароқалпоқистон

Нуратдинова Динара Елубай қизи – донишҷӯйи курси 2-юми Донишкадаи давлатии омӯзгории Нукус

Абдумуминова Нигора Ихтиёровна – донишҷӯйи курси 4-уми Донишкадаи мошинсозии Андиҷон

Нуъмонова Зулфира Иқболҷон қизи – донишҷӯйи курси 4-уми Донишгоҳи давлатии забон ва адабиёти ӯзбеки Тошканд (вилояти Андиҷон)

Раҷабова Нилуфар Комилҷоновна – донишҷӯйи курси 2-юми Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон (вилояти Бухоро)

Холиқова Нозима Нематиллоевна – докторанти асосии Донишгоҳи давлатии Бухоро

Ибрагимова Вазира Ҳусан қизи – редактори ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Маърифат ва ҳикмат »-и Академияи байналхалқии исломии Ӯзбекистон (вилояти Ҷиззах)

Илҳомова Севара Даврон қизи – донишҷӯйи курси 3-юми Донишкадаи политехникии Ҷиззах

Норчаева Мадина Норчаевна – донишҷӯйи курси 2-юми Донишкадаи миллии бадеӣ ва ороиши ба номи Камолиддин Беҳзод (вилояти Қашқадарё)

Олимҷонова Бегоим Мансур қизи – толибаи синфи 11-уми мактаби таълими миёнаи умумии рақами 42-юми ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарё

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

## ШАРҲИ ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН «ДАР БОРАИ ОМУРЗИШИ ГУРӮҲИ ЗАНОНИ МАҲКУМШУДА, КИ ҶАЗОРО ДАР ШАКЛИ МАҲРУМ ШУДАН АЗ ОЗОДӢ МЕГУЗАРОНАНД, БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ЗАНОН»

Ба муносибати Рӯзи байналхалқии занон, дар доираи ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон доир ба омурзиши гурӯҳи занони маҳкумшуда, ки ҷазоро дар шакли маҳрум шудан аз озодӣ мегузаронанд, аз ҷумлаи аъзои Комиссияи оид ба масъалаҳои омурзиши назди Президент ва намояндагони дигар идораҳои масъул гурӯҳҳои корӣ таъсис дода шуданд, ки омӯхтани парвандаҳои шахсии маҳкумшудагон ва бо онҳо баргузор кардани суҳбатҳои рӯ ба рӯро аз тариқи сафари бевосита ба ҷойи воқеа таъмин карданд.

Бинобар натиҷаи корҳои амалишуда роҳбари давлат таклифи комиссияро дар бораи омурзидани гурӯҳи занони маҳкумшуда, ки қонунро вайрон кардаанд, вале мухолифи қонун будани кирдори худро дарк намуда, аз амали худ сидқидилона тавба кардаанд ва қатъиян ба роҳи ислоҳ даромадаанд, маъқул дониста, ба Фармон «Дар бораи омурзиши гурӯҳи занони маҳкумшуда, ки ҷазоро дар шакли маҳрум шудан аз озодӣ мегузаронанд, ба муносибати Рӯзи байналхалқии занон» имзо гузошт.

Мувофиқи фармон **83** зане, ки муҳлати ҷазоро мегузаранд, омурзида шуданд.

Аз ҷумлаи омурзидашудагон **12** нафар аз гузаштани ҷазо кулан, **29** нафар шартан – пеш аз муҳлат озод карда мешаванд, ҷазое, ки нисбат ба **17** нафар муайян шудааст, ба ҷазои нисбатан сабуктар иваз карда мешавад, хулоса, аз муассисаҳои иҷрои ҷазо **58** нафар зан озод карда мешаванд. Ғайр аз ин нисбати **25** нафар занони маҳкумшуда муҳлати ҷазои таъиншуда ихтисор карда мешавад.

Аз ҷумлаи омурзидашудагон **7** нафар шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ мебошанд.

Амали мазкур зуҳуроти амалии сифатҳои неки хоси халқи мо, аз ҷумла эҳтиром ба занон, муносибати боэҳтиромона нисбат ба онҳо, кушодадилӣ, меҳру мурувват, инсонпарварӣ ва ҳусни илтифот ба шумор меравад.

Дар доираи татбиқсозии фармон ба вазорату идораҳои масъул супурда шуд, ки ба занони омурзидашуда баҳри бозгашташон ба оилаҳо ва назди қарибон, обсозиши иҷтимоӣ, ҷалбкунӣ ба меҳнати фоиданок, дастгирӣ кардани тарзи солими ҳаёт ва мақоми сазовори худро дар ҷамъият дарёфтанашон кӯмак расонанд.

**ӮзА.**

## ДАР БОБАТИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ СУПОРИШҲО ДОДА ШУД

***Президент Шавкат Мирзиёев 7 март бахшида ба муҳокимаи лоиҳаҳои сармоягузорие, ки дар шаҳри Тошканд ба амал бояд татбиқ гарданд, ҷамъомад баргузор намуд.***

Солҳои 2020-2022 ба пойтахт ба қимати умумии 9 миллиарду 884 миллион доллар ба амал татбиқ намудани 762 лоиҳаи сармоягузорӣ ба нақша гирифта шудааст. 122-тои онҳо дар доираи барномаи давлатӣ, 640-тоаш бинобар барномаи сармоягузории ҳудудӣ ба амал татбиқ мегарданд.

Хусусан дар соҳаи саноат ба амал татбиқ намудани 242 лоиҳа ба миқдори 1 миллиарду 590 миллион доллар, дар самти хидматрасонӣ 337 лоиҳа ба қимати 4 миллиарду 966 миллион доллар ба нақша гирифта шудааст. Дар назар дошта шудааст, ки аз рӯйи сохтмони иморатҳои иқоматии замонавӣ 183 объект ба қимати 3 миллиарду 328 миллион доллар ба амал татбиқ гардад.

Дар ҷамъомад тақдимоти лоиҳаҳои истиқболноки ноҳияҳо баргузор гардид.

Лоиҳаҳои минтақаи хурди саноатии «Сергели» индустриал парк» ба қимати умумии 350 миллион доллар, лоиҳаи Технопарки ноҳияи Яшнобод ба қимати умумии 418 миллион доллар аз муҳимтарини онҳо мебошанд.

Маркази соҳибкории Тошканд, ки дар ҳудуди минтақаи хурди саноатии Яккасарой ташкил мегардад, бинои иқоматии замонавии «Юнусобод сити», марказҳои шодӣ ва соҳибкорӣ низ барои рушди шаҳр мусоидат менамоянд.

– Мақсад аз сармоягузорӣ ва содирот ҷойи кор ва даромади иловагӣ мебошад. Дар Тошканд дар ин замина захираҳои зиёд мавҷуд аст. Ҳанӯз аз нимаи он ҳам истифода набурдаем. Аз ин рӯ, дар ҳар як ноҳия корхонаҳои хурд ва миёнаро омӯхта, домани истеҳсол ва имконоти содиротро васеъ намуда, барои мардумамон манбаъҳои кафолатноки даромадро бояд ба вуҷуд оварем, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Маълум гардид, ки соли 2020 дар маҷмӯъ дар натиҷаи азхуд намудани сармоя ба миқдори 4,8 миллиард доллар беш аз 400 лоиҳа ба истифодабарӣ супурда шудааст. Дар доираи онҳо ба вуҷуд овардани 32050 ҷойи нави кор ба нақша гирифта шудааст.

Инчунин соли ҷорӣ содир намудани маҳсулот ба миқдори 710,5 миллион доллар дар назар дошта шудааст. Қариб 674 миллион доллари онро маҳсулоти саноатӣ, 36,5 миллион долларро меваву сабзавот ташкил менамояд.

– Ноҳияи Олтиариқ ба миқдори 120 миллион доллар маҳсулот содир менамояд. Онҳо мисли Тошканд объектҳои саноатӣ ва коммуникатсия надоранд. Дар пойтахт инфрасохтори ногузир мавҷуд аст. Замони он ки ҳокимон зербиноҳоро тоза намоянд, гузашт. Ҳоло акнун роҳбарони ноҳияҳо соҳибкориро ривоҷ дода, соҳибкоронро бо маблағи гарданда таъмин намуда, дар бобати содироташон кӯмак расонда, бо онҳо як ба як бояд кор кунанд. То ки шумо тағйир наёбед, вазъият тағйир намеёбад, – таъкид намуд Президент.

Сармоя ҷалб намуда, агар зарур гардад, барои идораи хориҷӣ вогузошта, роҳандозии самтҳои нави саноат супоришҳо дод.

**ӮзА.**

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МАРОСИМИ ТАНТАНАВӢ БАХШИДА БА РЎЗИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ЗАНОН

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ба қарибӣ дар расонаҳои ахбори оммавӣ аз он мужда доданд, ки олимаи ҷавони соҳибистеъдод Азиза Шоназарова профессори Донишгоҳи бонуфузи Колумбияи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико гардидааст.

Он чиз сазовори эътибор мебошад, ки Азизахони дар мавзеи Қароқамиши пойтахти мо ба воя расида, дар Донишкадаи шарқшиносии Тошканд, сипас дар донишгоҳҳои машҳури Полша ва ИМА таҳсил карда, дар 32-солагӣ доктори илми соҳаи таърих ва диншиносӣ гардида, бинобар озмун аз ҷумлаи 500 нафар довталабон ба дараҷаи профессорӣ гузида шудааст.

Вай барои ҷавонони кишвари мо ибрати сазовор ба шумор меравад, оилаи мустаҳкам дорад, забонҳои арабӣ, форсӣ, туркӣ, русӣ, англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, полякиро ба хубӣ медонад, ҳамчунин дар илм ба натиҷаҳои баланд муваффақ гардидааст.

Барои он ки хурсандии ин ҷашнро бо мо баҳам бинад, Азиза Шоназарова дирўз аз Амрикои дур парида омад ва ҳоло дар ҷамъомади мо иштирок дорад. Биёед ўро самимона муборакбод кунем ва комёбиҳои нав орзу намоем.

Мо аз он хушнудем, ки дар маросими тантанавии худ сафирони Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Мардумии Чин Сзян Ян ва Ҷумҳурии Мисри Араб Амани Элетр, мутобиқгари доимии Созмони Милали Муттаҳид Хелена Фрейзер ва намояндаи доимии Барномаи рушди СММ Матилда Димовски, роҳбари намояндагии Созмони умумиҷаҳонии нигаҳдории тандурустӣ дар мамлакати мо Лиан Куппенс, роҳбари намояндагии минтақавии Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх дар Осиёи Марказӣ Сангиту Киёниг ва роҳбари намояндагии Бонки осиёии рушд дар Ўзбекистон Синти Малвичиниро мебинем, ки вазифаи худро дар Ўзбекистон иҷро мекунанд.

Иҷозат диҳед меҳмонони муҳтарами моро, ки дар рушди ҳамкориҳои сермаҳсул бо кишвари мо саҳми сазовор мегузоранд, бо Рўзи байналмилалии занон муборакбод гуфта, ба онҳо орзуҳои неки худро изҳор намоям.

Муҳтарам иштирокдорони маросим!

Соли гузашта дар мамлакат бобати ҳамаҷониба дастгирӣ намудани занон, беҳтар кардани ҳаёти онҳо корҳои васеъмиқёс иҷро шуданд. Барои занон тақрибан 170 ҳазор ҷойҳои корӣ фароҳам омаданд. Ба беш аз 172 ҳазор бонувон аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ва Бунёди ҷамъиятии дастгирии занон ва оилаҳо умуман ба миқдори 4,9 триллион сўм вомҳо ҷудо карда шуданд.

Дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ Марказҳои соҳибкории бонувон созмон дода шуданд. Алҳол онҳо бобати ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ, ҳунармандӣ, бозомўзӣ, таъмин кардани шуғли тақрибан 28 ҳазор занон кўмакҳои амалӣ мерасонанд. Ҳамчунин дар доираи татбиқсозии Панҷ ташаббуси муҳим 21500 бонувон дар курсҳои кўтоҳмуддати касбӣ таълим гирифтанд.

Ба шарофати чунин имкониятҳо миқдори заноне, ки кори худро ташкил доданд, тўли як сол тақрибан 45 ҳазор нафар афзуд, барои онҳо ҳазорҳо ҷойҳои нави корӣ ташкил гардиданд.

Дар мамлакат бобати таҳкими идораи оила ҳамчун пояи ҷамъият, солимгардонии муҳити маънавиву ахлоқӣ дар оилаҳо корҳои назаррас амалӣ мешаванд. Бинобар аз байн бардоштани зиддият ва талошҳои оилавӣ, коҳиш додани миқдори талоқ созмонҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ саҳми муҳим мегузоранд. Баробари ба кори онҳо баҳои мусбат додан бояд қайд кард, ки ин ҳанўз қадамҳои аввалин мебошад, моро лозим аст, ки дар самти мазкур корҳои зиёдеро анҷом диҳем.

Бешубҳа, ҳаёт бидуни санҷиш ва душвориҳо наховад буд. Ҷудошавӣ, вайрон кардани оила бинобар сабабҳои ночиз хоси мардуми саховатманду дурандеши мо нест, ба ҳуввият ва анъанаҳои миллии вай мувофиқат намекунад. Мо бояд ҳамҷиҳатона бобати ислоҳ сохтани чунин нуқсонҳо саъй намоем, ҳангоме ки дар ягон оила вазъи нохуш ба миён меояд ва бино бар зиддияти падару модарон кўдакон ятим мемонанд, аз ғамхорӣ ва эътибор маҳрум мегарданд.

Алҳол барномае, ки ба кўмаки босифати тиббӣ ба занон, таҳкими саломатии онҳо нигаронида шудааст, натиҷаҳои аввалин медиҳад. Аз ин хусус, аз ҷумла он санад шаҳодат медиҳад, ки ба шарофати кор бинобар ҳифзи саломатии модарону кўдакон соли 2019 сатҳи фавти модару кўдак қатъиян коҳиш ёфт.

Кор бинобар муроҷиати бонувон мунтазам ба роҳ монда мешавад. Бояд қайд кард, ки соли 2019 кормандони идораҳои мухталифу гуногун бо зиёда аз 141,5 ҳазор занон суҳбат баргузор карданд, қисмати зиёди мушкилоте, ки онҳоро ба ташвиш овардаанд, ба тарзи мусбат ҳаллу фасл шуданд.

Дар давраи сипаришуда дар 197 ноҳияи мамлакат фаъолияти марказҳои эҳё ва мувофиқшавии шахсоне, ки аз зўроварӣ ва бинобар табодули суитсидҳо ҷабр дидаанд, ба роҳ монда шуд.

Ташкилотҳои занон дар кори ба ҳаёти муътадил баргаштани бонувоне, ки надониста ҷиноят содир кардаанд ва аз кирдори худ пушаймон шудаанд, фаъолона иштирок мекунанд. Таҳти раёсати ин ташкилотҳо аз толори суд 261 чунин занон озод карда шуданд, ки низ зуҳуроти инсондўстӣ ба шумор меравад. Ҳамчун идомати мантиқии корҳои мазкур ман дирўз ба муносибати Рўзи байналхалқии занон боз ба як Фармон имзо гузоштам. Мувофиқи он 83 нафар заноне, ки дар ҳабсхонаҳо муддати ҷазоро мегузаранду сидқидилона тавба кардаанд ва қатъиян ба роҳи ислоҳ даромадаанд, омурзида шуданд.

**Бояд таъкид кард, ки чунин фармон дар кишвари мо бори аввал қабул гардид.**

Алҳол вазорат ва идораҳои масъул бобати ба чунин занон баҳри обсозиши иҷтимоии онҳо, ҷалбкунӣ ба корҳои муфид, тарзи солими ҳаёт кўмак расондан кор мебаранд, то ки онҳо тавонанд мақоми худро дар ҷомеа дарёбанд. Муътақидам, ки тамоми созмонҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ҷомеаи васеъ дар ин кор хеле фаъолона иштирок менамоянд.

Ҳамватанони муҳтарам!

Тавре ки маълум аст моҳи январи соли равон дар Муроҷиатномаи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ба Олий Маҷлис вазифаҳои рўзмарра бинобар беш аз пеш дар мамлакат таъмин кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон, аз ҷумла бонувон мушаххас гардиданд. Алҳол бобати иҷрои вазифаҳои мазкур корҳои васеъмиқёс амалӣ мешаванд. Фармон ва Қарори махсуси Президент, ки ба баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлат бобати таъмин сохтани ҳуқуқ ва манфиатҳои занон нигаронида шудаанд, қабул гардиданд.

Мувофиқи Фармон ба мақсади кор карда баромадан ва татбиқ намудани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи дастгирии оилаҳо, занон ва куҳансолон, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо, пурзўр намудани ҳамкориҳо бо мақомоти худидораи шаҳрвандон Вазорати оид ба дастгирии маҳалла ва оила таъсис дода шуд.

Барои ҳеҷ кас пўшида нест, ки пештар ба дўши маҳалла ва созмонҳои занон талаботи зиёд гузошта мешуд. Вале, мутаассифона, барои иҷрои ин онҳо имконият ва ваколатҳои зарурӣ, нирўву маблағ надоштанд.

Ҳоло манфиати занонро наметавон бидуни манфиатҳои оила, маҳалла ва ҷамъият тасаввур кард. Вазифаи асосии вазорати нав – дар маҷмўъ ҳаллу фасл кардани масъалаҳои мазкур, дар ин соҳа ба дараҷаи беш аз пеш баланд бардоштани сиёсати давлат ба шумор меравад.

Бо назардошти нақш ва моҳияти бузурги маҳалла дар мамлакати мо 22 март Рўзи кормандони низоми маҳалла эълон гардид. Ин ҷашни навро мо дар рўзҳои таҷлили Наврўз бори аввал васеъ қайд хоҳем кард.

Дўстони азиз!

Бешубҳа, тамоми падару модарон орзу мекунанд, ки фарзандонашон сиҳҳату саломат, ҳамаҷониба солим ба воя расанд, соҳиби дониш ва касбҳои замонавӣ бошанд, дар ҷамъият мақоми сазовори худро пайдо кунанд. Тавре ки маълум аст, барои муваффақ шудан ба ин мақсади нек ҳоли ҳозир дар низоми таълими мамлакат ислоҳоти амиқ амалӣ мегарданд. Соли равон бобати куллан зиёд кардани миқдори кўдакистонҳо ҳамчун ҳалқаи асосии ҷараёни тарбия чораҳо татбиқ мешаванд.

Барои муқоиса мехоҳам эътибори шуморо ба як мисол ҷалб намоям. Агар дар семоҳаи аввали соли гузашта дар мамлакат беш аз 9700 кўдакистон мавҷуд бошад, алҳол миқдори онҳо ба 14050 расид, яъне дар тўли як сол 4350 адад афзуд.

Ба шарофати чунин саъю кўшишҳо мо соли равон фарогирии кўдаконро дар муассисаҳои таълими томактабӣ аз 54 то ба 60 фоиз баланд мебардорем. Дар натиҷа миқдори умумии тарбиягирандагони кўдакистонҳо тўли як сол 400 ҳазор нафар меафзояд ва 1 миллиону 800 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Бешубҳа, мо дар соҳаи мазкур корҳои зиёдеро анҷом додем, вале ҳанўз наметавонем аз натиҷаҳои бадастомада қонеъ бошем, зеро барои худ қуллаҳои баландтареро пешбинӣ кардаем. Ин табиӣ мебошад. **Зеро тарбияи томактабӣ нафақат ба кўдак, балки ба падару модари ў, умуман тамоми ҷомеа таъсири бузург дорад. Агар зан донад, ки кўдаки ў дар шароитҳои сазовори кўдакистон тарбия мегирад, вай метавонад оромона кор кунад ва аз фардо дилпур бошад.**

Алҳол ба рушди таълими мактабӣ низ аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад. Мо ба коркарди барномаи **«Мактаби замонавӣ»** шурўъ намудем. Бобати куллан беҳтар намудани низоми тайёркунии кадрҳои педагогӣ корҳои васеъмиқёс оғоз ёфтанд.

Ҳамзамон дар ҳар як марҳилаи таълим мо ба тарбияи духтарон эътибори алоҳида медиҳем. Мактабҳои махсусе, ки ба номҳои олимон ва нависандагони бузург гузошта шудаанд, мактабҳои президентӣ барои ҷавононе, ки азми омўхтани илм ва санъатро доранд, аз он ҷумла барои духтарон, имконоти васеъ фароҳам меорад.

Бешубҳа давлат, ҷамъият дар бобати ҳимоя, омода намудан ба ҳаёти мустақил ва тарбияи духтарон чун фарзандони муносиби халқамон бо масъулияти комил вазифаи ба зимма гузошташударо иҷро менамоянд. Аммо дар иҷрои чунин вазифаи муҳим ҳеҷ кас ҷойи оила, момоёни ғамхор, модарони меҳрубон, дорои таҷрибаи бойи ҳаётӣ – фаъолҳои муҳтарами маҳаллаҳо – занонро гирифта наметавонанд.

Ба ҳозирон ва ба тамоми хонумони мамлакат муроҷиат намудан мехоҳам: **давлат ва ҷамъият агар шумо ба худ масъулияти тарбияи духтаронро бигиред, ки аз онҳоояндаи мо вобаста буда, дар асоси арзишҳои баланди маънавиву ахлоқӣ тарбия намудани онҳоро ба зимма бигиред, то ки онҳо беҳтарин сифатҳои инсонӣ ва дониши амиқро касб карда бошанд, беҳад миннатдор мегарданд.**

Боварӣ дорам, ки Вазорати оид ба дастгирии маҳалла ва оилаи навтаъсис, собиқадорони муҳтарам, ки дар соҳаи таълими муаллимон ва мураббиён мактаби худро ба вуҷуд овардаанд, тамоми занони шуҷоатманди Ўзбекистон ин ташаббусро дастгирӣ менамоянд. Умед дорам, ки онҳо дар чунин кори ғайриоддӣ, аммо хеле муҳим ва шарафнок чун тарбия ва таълими духтарон, саҳми калони худро мегузоранд.

Аз фурсат истифода намуда, ба шумо боз бо як пешниҳоди дигар муроҷиат намудан мехоҳам: **аз соли оянда эътиборан дар арафаи ҷашни 8 Март беҳтарин намояндагони ин соҳаро аз ҳар як минтақаи мамлакат дунафарӣ бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонем.**

Муҳтарам иштирокдорони воҳўрӣ!

Дар тўли солҳои зиёд дар низоми таълими мамлакат яке аз мушкилоти ҷиддӣ маҳдудияти квота барои қабул ба муассисаҳои таълими олӣ буд. Барои мисол, ҳанўз 2-3 сол пеш аз ин муассисаҳои таълими олӣ дар маҷмўъ ҳар сол на бештар аз 60-70 ҳазор нафар, яъне фақат 9 фоизи хатмкунандагонро қабул мекарданд.

Бинобар ин мо дар соҳа ислоҳоти доманфарохро шурўъ намудем. Соли гузашта бори аввал барои таълим ба муассисаҳои таълими олӣ 150 ҳазор донишҷў қабул гардид. Фарогирии хатмкунандагон бо маълумоти олӣ ба 20 фоиз расид.

Бешубҳа, ба чунин дастовардҳо ноил гардидан осон нест. Мустаҳкам намудани пойгоҳҳои моддиву техникӣ, таълимиву методии мактабҳои олии таълимӣ, афзоиши шабакаи онҳо, зиёд намудани таркиби профессорону муаллимон зарур буда, барои баланд бардоштани дараҷаи касбии муаллимон ва кормандони илмӣ маблағи зиёд ва имконоти нав ногузир аст. Аммо, сарфи назар аз мушкилот, ба хотири ояндаи фарзандонамон мо албатта ин корро идома медиҳем. Фарогирии хатмкунандагони мактабҳоро бо таълими олӣ соли 2020 мо камаш то 25 фоиз мерасонем, дар оянда бошад, то 50-60 фоиз хоҳад расид.

Бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи илмӣ ва мадании занон, бо ҷойҳои муносиби кор таъмин намудани онҳо соли ҷорӣ дар муассисаҳои таълими олӣ квотаҳои қабул барои духтарон ба таври алоҳида ҷорӣ мегардад. Ин низ барои мо комилан таҷрибаи нав аст. Чунки зан, ки молики дониши чуқур, маълумоти олӣ бошад, дар оила, дар кор ва дар ҷамъият низ барои ҳалли ҳар гуна масъала бинобар ҷаҳонбинии васеъ малакаи илмӣ ва маънавии худ муносибат менамояд.

**Ҳамин тариқ, барои он ки фарзандонамон чун шахсиятҳои солим, мутаносиб, содиқи Ватани худ ба воя расанд, мо пеш аз ҳама бояд барои занон имконоти васеъро барои касб намудани дониш ва пешаи замонавӣ ба вуҷуд орем.**

**Агар мо дар оянда тарбия намудани Хоразмӣ, Фарғонӣ, Бухорӣ, Улуғбек, Навоиҳоро хоҳем, дар навбати аввал модарониояндаи солим, аз ҳар ҷиҳат соҳибмаълумот, молики сифатҳои баланди ахлоқиро ба воя расонем.**

Соли ҷориро мо дар мамлакат **Соли рушди илм, маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ** эълон намуда, Барномаи даҳлдори давлатӣ қабул гаштааст. Зимни таҳияи ин барнома пеш аз ҳама хоҳиш ва эҳтиёҷи занони муҳтарамро ба инобат гирифтем. Дар татбиқи вазифаҳои калони дар наздамон қарордошта мо ба онҳо ва инчунин тамоми халқамон, дониш, таҷриба, зарфияти интеллектуалии онҳо такя менамоем.

**Занон беҳтар аз ҳама набзи ҳаёти ҷамъиятро эҳсос намуда, мураккабтарин мушкилоти оила, маҳалла ва роҳи ҳалли онҳоро медонанд. Бо меҳру шафқат, масъулияти баланд ва меҳнатдўстии худ онҳо барои ҳамаи мо чун намуна мегарданд.**

Мо кори худро дар бобати пешниҳод ва таъин намудани занони молики дониши амиқ ва малакаи баланд ба вазифаҳои масъулиятнок дар соҳаҳои идораи давлат ва ҷамъият, вазорат ва идораҳо идома медиҳем.

Ин масъала зери назорати шахсии Президент хоҳад буд.

Бонувони муҳтарам!

Тавре ки маълум аст, дар мамлакатамон коҳиш додани қашшоқӣ аз вазифаҳои муҳимтарин муайян гаштааст ва дар ин самт чорабиниҳои доманфарох ба амал татбиқ мегарданд.

Мо бояд як ҳақиқатро дарк намоем: **барои кам кардани дараҷаи қашшоқӣ дар навбати аввал дараҷаи бекориро паст бояд кард. Барои ин аҳолиро ба касбҳои замонавӣ омўзонда, саводнокии иқтисодӣ ва молиявии одамонро баланд бардошта, дар онҳо, хусусан занон, кўшишро барои соҳибкорӣ бедор бояд кард.**

Мо таҷрибаи ҷаҳониро аз ҳар ҷиҳат омўхта, ҳамкории байналхалқиро дар ин соҳа ривоҷ медиҳем. Дар ҳамкорӣ бо чунин ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ, мисли СММ, Бонки ҷаҳонӣ, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва дигар давлатҳо барои ба амал татбиқ намудани барнома бар зидди қашшоқӣ, инкишофи соҳибкорӣ ва тиҷорати хурд ба қимати умумии 700 миллион доллар дар соли ҷорӣ дар назар дошта шудааст.

Ҳоли ҳозир зери роҳбарии Федератсияи иттифоқи касабаи Ўзбекистон гурўҳи кории ҷумҳурӣ ташкил ёфтааст, ки он аз минтақаҳои мамлакат боздид намуда, дар ҳар кадомаш аҳволи заноне, ки дар шароити мураккаб зиндагӣ мекунанд, таҳлил менамояд.

Ин гурўҳ барномаи таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои занону духтарон, ҳифзи иҷтимоии онҳо, мадад ва дастгирии ҳамаҷонибаро аз лиҳози ҳар як маҳалла таҳия менамояд ва иҷрои онҳоро ташкил мекунад.

«Телефони боварӣ»-и гурўҳи корӣ, ба забони имрўза бигўем, «call-сентр»-и гурўҳи корӣ фаъолияти худро шурўъ намуд, ки он тамоми шабонарўз муроҷиати занонро қабул менамояд.

Акнун занон рақами кўтоҳи «1211»-ро гирифта, аз тамоми шаҳру деҳот, дуртарин авул метавонанд бевосита ба ин марказ муроҷиат намоянд, ки ин худ идомаи мулоқот бо халқ мебошад.

Ҳамватанони муҳтарам!

Тавре ки маълум аст дар мамлакатамон ба татбиқи донишомўзӣ, иқтидор ва истеъдоди занон, муносиб қадр намудани меҳнати онҳо эътибори алоҳида нигаронда мешавад. Ҳар сол 28 нафар духтарони Ўзбекистон бо мукофоти давлатии ба номи шоираи бузург Зулфия сарфароз мегарданд.

То ҳол 311 нафар ҳамватанони ҷавони мо соҳиби ин мукофот гардиданд. Соли ҷорӣ боз 28 нафар духтарони соҳибистеъдод сафи онҳоро зиёд менамоянд. Боварӣ дорам, ки бо меҳнати пурсамар, истеъдоди дурахшон, беҳтарин сифатҳои инсонии худ онҳо барои ҳама ҳамсинҳои худ намуна мегарданд.

Дар ин рўзҳо 287 нафар занон, ки дар соҳаи муҳофизати модар ва кўдак, тарбияи ҷавонон дар рўҳи ватанпарварӣ фаъолият доранд, бо нишони сарисинагии «Мўътабар аёл» сарфароз гардонда шуданд.

Аз фурсат истифода намуда, иҷозат бидиҳед, ки онҳоро бо чунин баҳои баланди ҷамъият табрик намоям.

Дар арафаи 8 Март бинобар Фармони Президент барои саҳми муносиб ба инкишофи мамлакат, баланд бардоштани некуаҳволии халқ, тарбияи насли солим ва мутаносиб ривоҷёфта, мустаҳкамсозии пояи оила ва ҷамъият гурўҳи занони Ўзбекистон бо унвонҳои ифтихорӣ, орден ва медалҳо сарфароз гардонда шуданд.

Ман аз он комилан қаноатманд ҳастам, ки дар ҳузури шумо ба ин занони олиҷаноб ва инчунин ба соҳибони Мукофоти давлатии ба номи Зулфия мукофотҳои баландро супорам.

Дўстони муҳтарам!

**Барои занони муҳтарам ва ғамхорамон ба вуҷуд овардани шароити муносиб, ин нафақат вазифаи якумдараҷа, балки пеш аз ҳама қарзи муҳимтарини инсонии роҳбарони ҳама дараҷаҳо мебошад.**

**Ҳамаи мо – Президент ва аъзои ҳукумат, вазирон ва ҳокимон, депутатҳо ва сенаторон ўҳдадор ҳастем, ки ин қарзи олиро бо кори амалӣ собит намоем, то ки онҳо натиҷаҳои мушаххас бахшанд.**

Занони муҳтарам!

Дар ин ҷашни зебо, тамоми таманноҳои нек ва самимии халқро сарҷамъ намуда, гуфтан мехоҳам: мо беҳад аз шумо барои меҳнати шуҷоатнок дар роҳи ба вуҷуд овардани Ўзбекистони нав миннатдорем.

Мо аз шумо барои он ки бо потенсиали баланди маънавӣ ва интеллектуалӣ, ғамхории беғараз, меҳри беҳадди қалби худ дар ҳифзи сулҳ ва мусолиҳа дар сарзамини зебоямон саҳми беназир мегузоред, миннатдорем.

Бори дигар шуморо бо ҷашни зебои 8 Март самимона табрик намуда, барои ҳамаатон сулҳ, осудагӣ, тансиҳатӣ ва бузургтарин бахти заминӣ – хушбахтии хонаводагиро таманно менамоям.

Барои эътиборатон ташаккур.

# ЗАН ХУШБАХТ БОШАД, ОИЛА ВА ҶАМЪИЯТ ҲАМ ХУШБАХТ МЕШАВАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Баҳор ва зан мафҳумҳои ба якдигар вобастаанд, зеро онҳо идомати ҳаётро таъмин мекунанд. Ҳам баҳор ва ҳам зан дар қалби инсон муҳаббатро нисбат ба ҳаёт бедор мекунанд, саъю кўшишҳои нек, ғамхориву меҳру муҳаббатро пойдор менамоянд.

Шояд иштирокдорони чорабинии анъанавӣ дар Маҷмўи намоишгоҳи миллии пойтахт «Ўзэкспомарказ» бахшида ба Рўзи байналхалқии занон – 8 Март низ аз ин хусус андеша мекарданд. Ин маҷмўи муҳташам гўё аз ҳузури занони хушсарулибос, ки дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа фидокорона меҳнат мекунанд, зеботар гардид. Ҳангоми мушоҳидаи ин зебоӣ, ҳатто дар дили инсоне, ки шеър намегўяд, орзуву ҳаваси навиштани шеър ва васф кардани ҳусну тароватӣ баҳору зан ҷўш мезанад.



Ҳанўз аз остонаҳои бино ба ҷашн чӣ гуна тайёрӣ дидани коргузорон эҳсос мегардад. Ҷавонони хушлибос ҳар як меҳмонро гарм истиқбол гирифта, ўро аз тариқи пояндози сурх ба толор раҳнамоӣ мекарданд. Занон – ҳамватанони мо, ки аз Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва тамоми вилоятҳо омадаанду барои пешрафти мамлакат самарабахш кор кардаанд, меҳмонони ин тантана буданд.

Дар маросими тантанавӣ Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев нутқи табрикӣ кард.

– Инсоният аз қадимулайём ба симои модари муқаддас, зан арҷ мегузорад. Муҳаббати зиндагибахшои модар моро ба корҳои бузург рўҳбаланд месозад, мо саъй дорем, ки сарзамини худро ба кишвари зебои шукуфон табдил диҳем. Туфайли дуои модарон, фидокории бонувон дар мамлакат сулҳу салоҳ мустаҳкам мегардад, меҳнати мунтазами мо натиҷа мебахшад, ҳаёт бо нури нақўӣ дурахшон мегардад, аз мазмуну муҳтавои беш аз пеш амиқ саршор мешавад, – гуфт роҳбари давлат.

Дар Ўзбекистон ба таъмин кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои занон, баробарии гендерӣ эътибори зиёд дода мешавад. Ғайр аз ташвишҳои рўзгор намояндагони ҷинсӣ латиф дар корҳои ҷамъият ва давлат низ фаъолона иштирок мекунанд.

Бинобар натиҷаи интихоботи ба наздикӣ баргузоршуда занон 32 фоизи миқдори умумии ҷойҳои (150) депутатиро дар Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис ишғол карданд. Дар Сенат ва Шўроҳои маҳаллӣ ин нишондиҳанда аз 25 фоиз зиёд гардид.

Бори аввал дар таърихи Ўзбекистон намояндагии занон дар парлумони миллӣ ба дараҷае расид, ки ба тавсияҳои СММ мувофиқат мекунад. Бинобар ин нишондиҳанда мақомоти қонунгузории кишвари мо дар байни 190 парлумони миллии олам ба зинаи 37-ум баромад, ҳол он ки ҳанўз 5 сол муқаддам вай дар ин рўйхат дар ҷойи 128-ум қарор дошт.

Шонздаҳ нафар занони муҳтарами мо ба мукофоти олии Ватан – унвони «Қаҳрамони Ўзбекистон» сазовор шудаанд. Дар созмонҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ зиёда аз 1 ҳазору 380 занону духтарон дар вазифаҳои роҳбарӣ кор мекунанд. Ин миқдор торафт меафзояд. Ба наздикӣ занони сазовор, ташаббускору дорои иқтидори ташкилотчигӣ ҳокимони ноҳияҳо ва шаҳрҳо таъин гардиданд.

Дар чорабинӣ саҳми шоистаи бонувон дар пешрафти истеҳсолот, таълим, тиб, илм, фарҳанг ва варзиш таъкид шуд.

Дар суханронии худ Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев корҳои нек ва фаъолияти пурмаҳсули соҳибкори риштонӣ Изроба Усмоноваро, ки ба ҳоҷатмандон маблағи тўли солҳи зиёд барои зиёрати ҳаҷ ғунҷарадаашро бахшидааст, сокини ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё Гавҳар Ҳусанова, ки бо маблағи худӣ барои сокинони деҳа китобхонаи бузурги «Мумтоз»-ро бунёд кардааст, олимаи ҷавони соҳибистеъдод Азиза Шоназарова, ки дар 32 солагӣ профессори Донишгоҳи бонуфузи Колумбияи ИМА гардидааст, зикр намуд. Иштирокдорони ҷашн ин намояндагони барҷастаи нимаи зебои ҷамъияти моро бо кафкўбиҳои пурмавҷ таҳният карданд.

Дар чорабинӣ ҳамчунин дар бораи натиҷаи корҳои иҷрошуда оид ба беҳтар кардани шароити меҳнат ва ҳаёти занон, мустаҳкам кардани саломатии онҳо, инкишоф додани соҳибкории занона ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ барои бонувон сухан рафт.

Роҳбари давлат таъкид сохт, ки тарбияи духтарон дар пояи суннатҳои олии маънавиву ахлоқӣ ба мақсади омўзондани сифатҳои беҳтарини инсонӣ ва донишҳои амиқ кори душвор, вале бағоят муҳим ва нек ба шумор меравад. Президент зикр сохт, ки дар ин кор бояд Вазорати оид ба дастгирии маҳалла ва оила, ки ба тозагӣ таъсис ёфт, собиқадорони муҳтарам, ки дар соҳаи тарбия мактаби худро ташкил додаанд, муаллимону мураббиён, тамоми занони фидокори Ўзбекистон саҳми бузург гузоранд.

Шавкат Мирзиёев пешниҳод намуд, ки аз соли оянда дар арафаи ҷашни 8 Март ду нафар намояндаи сазовортарини ин соҳа аз ҳар кадом минтақаи мамлакат ба мукофоти давлатӣ пешниҳод шаванд. Ҳозирон ин таклифро гарму ҷўшони дастгирӣ карданд.

Мувофиқи фармони роҳбари давлат аз 6 марти соли равон «Дар бораи мукофотонидан ба муносибати Рўзи байналхалқии занон – 8 март» барои хидматҳои бузургашон дар рушди Ватани мо, таъмин сохтани фаровонҳолии халқ, тарбия кардани насли наврасӣ солиму комил, мустаҳкам сохтани асосҳои оила ва ҷамъият ба гурўҳи занон унвонҳои ифтихорӣ, ордену медалҳо супурда шуданд. Ғайр аз ин мувофиқи қарори Президент аз 4 март бисту ҳашт нафар духтарони фаъоли мамлакат барандагони Ҷоизаи давлатии ба номи Зулфия гардиданд.

Дар чорабинии идона ин мукофотҳои олӣ тантанавор супурда шуданд.

Баробари ин дар маҳалҳо ба 287 нафар заноне, ки бобати ҳифзи модару кўдак, тарбияи ҷавонон дар рўҳи ватанпарастӣ фаъолияти намунавӣ зоҳир кардаанд, нишонаҳои сарисинагии «Мўътабар аёл» супурда шуданд.

Президент дар суханрониаш қайд сохт, ки агар нисбати зан ғамхориву эътибор зоҳир карда шавад, вай хушбахт мегардад.

– Агар зан хушбахт бошад, ҳам оила ва ҳам ҷамъият хушбахт хоҳад шуд, – хулоса кард Шавкат Мирзиёев.

Бонувоне, ки аз Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд омада буданд, занон – намояндагони вазорату идораҳои гуногун ҷашнро дар сари дастурхони пурнозу неъмат қайд намуданд. Дар чорабинӣ занон – дипломатҳое, ки вазифаи худро дар мамлакати мо иҷро мекунанд, кормандони намояндагиҳои созмонҳои байналхалқӣ низ ширкат ҷустанд.

Чорабинии идона бо барномаи зебои консертӣ анҷом ёфт.

**ЎзА.**

**Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ва ЎзА.**

# РЎЙХАТИ

## барандагони Ҷоизаи давлатии ба номи Зулфия

(Аввалаш дар саҳ.1).

Омонбоева Мерей Эрали қизи – донишҷўйи курси 4-уми Донишкадаи давлатии омўзгории Навоӣ

Сапарова Ситора Шайдулло қизи – толибаи синфи 11-уми мактаби таълими миёнаи умумии рақами 5-уми ноҳияи Хатирчии вилояти Навоӣ

Азимова Дилафрўз Аламхон қизи – донишҷўйи курси 4-уми Донишгоҳи давлатии иқтисодии Тошканд (вилояти Намангон)

Тоҷибоева Олимахон Икромҷон қизи – толибаи синфи 9-уми мактаб-интернати махсуси таълими умумии рақами 9-уми ноҳияи Косонсойи вилояти Наманган

Мусулмонова Камола Ҳусниддин қизи – магистранти курси 2-юми Донишгоҳи давлатии Самарқанд

Усмонова Нуриниссо Олимовна – донишҷўйи курси 1-уми Донишгоҳи давлатии Самарқанд

Муҳамадиева Ситора Шуҳратҷон қизи – толибаи синфи 9-уми мактаби миёнаи таълими умумии рақами 4-уми ноҳияи Боёвути вилояти Сирдарё

Саматова Шаҳноза Ортиқбой қизи – донишҷўйи курси 2-юми Донишгоҳи давлатии омўзгории Тошканд (вилояти Сирдарё)

Абдураззоқова Рухшона Илҳомҷон қизи – толибаи синфи 8-уми мактаб-интернати махсуси миёнаи таълими умумии рақами 4-уми шаҳри Тирмизи вилояти Сурхондарё

Кайимова Сабина Олимовна – роҳбари маҳфили Маркази маърифатӣ оид ба таълими шаҳрвандони Афғонистон (вилояти Сурхондарё)

Болтаева Моҳира Матёқуб қизи – донишҷўйи курси 1-уми Донишкадаи тиббии педиатрии Тошканд (вилояти Тошканд)

Ҷалолова Моҳинур Зиёвуддин қизи – толибаи синфи 11-уми Мактаби махсуси бадеии ҷумҳуриявӣ ба номи П. Бенков (вилояти Тошканд)

Ҳабибуллоева Нозима Ҳайрулло қизи – магистранти курси 1-уми Донишгоҳи давлатии забон ва адабиёти ўзбеки Тошканд (вилояти Фарғона)

Ҳомидова Насиба Юнусҷон қизи – магистранти курси 1-уми бахши фарғонагии Донишгоҳи технологияҳои иттилоотии Тошканд

Алимова Маҳлиё Маҳмуд қизи – донишҷўйи курси 6-уми бахши урганҷии Академияи тиббии Тошканд (вилояти Хоразм)

Шарипбаева Назокат Қуролтой қизи – донишҷўйи курси 3-юми Донишгоҳи давлатии Қароқалпоқистон (вилояти Хоразм)

Дзивинская Юлия Станиславовна – толибилми курси 3-юми Коллеҷи тиббии рақами 2-юми ҷумҳурӣ (шаҳри Тошканд)

Тоғаймуродова Шаҳноза Шуҳрат қизи – толибаи синфи 11-уми мактаби махсуси таълими умумии рақами 300-уми ноҳияи Сергилии шаҳри Тошканд

# ДУОИ ХАЛҚ ИҶОБАТ МЕШАВАД

## ё худ дар бораи дарахти дӯстие, ки ду сол пеш шинонда шуд, самара медиҳад




Азоби роҳро мусофирон хуб медонанд. Дар гузаштаи наздик мо дар бораи мушкилоту душвориҳои сарҳади байни ду давлати ҳамсоя – Ӯзбекистону Тоҷикистон бисёр шунида, гувоҳ ҳам шудаем. Аз канда шудани равуо ва мулоқоти рӯбарӯи тӯли чоряк аср хешу табор, бародару хоҳар ба якдигар қариб бегона шуда буданд. Ҳарчанд бо шаҳодати таърих тоҷикону ӯзбекон бо ҳам тавъаманд ва агар шоирона гӯем, «ду тори як дутор», «ду шохи як дарахт» ҳастанд. Оре, дар таърихи инсоният ҳам ин як ҳодисаи нодир аст, ки ду халқ аз лиҳози антропологӣ, тарзи зист, олами маънавӣ ба ҳам хеле наздику қаринанд.

Аз ин лиҳоз мо, дар ҳақиқат, муштоқи дидори якдигар будем. Аммо, чунон ки шоире фармудааст:

*Гар ба зоҳир аз ту дурам,*
*дур фаҳмидан хатост,*
*Об агар садпора гардад,*
*боз бо ҳам ошност.*

Ниҳоят, рӯзе, ки интизораш будем, расид. Сафари расмии Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 9-10 марти соли 2018 ба шаҳри Душанбе ва имзои санадҳои сарнавиштсоз бо Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар асл дар таърихи муносибатҳои ду давлати ҳамсоя ва мардумони бо ҳам ошно ва дӯсту бародар воқеаи таърихӣ буд. Ин сафар барои вусъати ҳамкориҳо дар ҳамаи соҳаҳои зиндагӣ ва барои ба сатҳи нави сифатию миқдорӣ баровардани онҳо имкониятҳои бузургро фароҳам овард. Суханони Президенти муҳтарами мо зимни суханронӣ дар Кохи Борбад ҳеҷ гоҳ аз ёдамон намеравад. "Ман имрӯз бо сарҳадҳои кушод ва бо дили боз омадам. Ман имрӯз ба бародарам Эмомалӣ Шарифович дарвозаи бози рамзиро туҳфа кардам. Бигзор, ин дарвозаҳо дигар ҳеҷ гоҳ баста нашаванд. Рӯзҳои таърихии 9-10-уми март даврони ба дунё омадани муносибатҳои нави мо хоҳанд шуд. Сарнавишти Тоҷикистон сарнавишти Ӯзбекистон, ояндаи халқи тоҷик ояндаи халқи ӯзбек ҳам мебошад". Чунин суханон, ки аз забони сарварони ду кишвар садо доданд, қалби на фақат мардумони ин ду кишвар, балки қалби аҳолии минтақаро шоду масрур намуда, ба муносибатҳои ду давлат неру ва таъсири бузург бахшиданд.

Ман чун журналист ва муаррих шоҳиди бисёр воқеаҳо дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ шудаам. Аммо воқеаеро, ки бо чунин муҳиту натиҷаҳои хубаш якбора дили миллионҳо нафарро шод карда бошад, дар ёд надорам. Муҳимтар аз ҳама тамоми санадҳое, ки дар аснои ин сафар ва ташрифи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Тошканд (17 августи соли 2018) ба имзо расида буданд, пурра дар амал татбиқ шуданд. Дар байни пойтахтҳо парвози самолётҳо, дар байни баъзе шаҳрҳо ба назардошти талабу эҳтиёҷот ҳаракати автобусҳо ба роҳ монда шуданд. Раводид (виза) бекор карда шуд. Имрӯз дар сарҳади ду давлат 17 гузаргоҳ амал мекунад. Гузаргоҳи "Ойбек" (Ӯзбекистон) ва "Фотеҳобод" (Тоҷикистон) барои равуои мардум ва ҳаракати ҳамаи намуди воситаҳои нақлиёт тамоми шабонарӯз кушода мебошанд. Муносибати кормандони гумрук ва сарҳад хеле самимӣ ва меҳмондӯстона аст. Онҳое, ки аз ин гузаргоҳҳо ба ин ё он тараф мегузаранд, хусусан, калонсолон дар ҳаққи сарварони ду давлат дуоҳои нек мегӯянд, шукри ин рӯзҳои нек мекунанд. Оре, дуои халқ иҷобат мешавад. Илоҳо, ба ин рӯзҳои хуш чашм нарасад.

– Ҳамсарам солиёни дароз аз дарди сутунмуҳра дар азоб буд. Шифокорон маслиҳат доданд, ки ба мутахассисони нейрохирургияи Тошканд нишон диҳем, – мегӯяд сокини шаҳри Истаравшан Имомназар Худойназаров. – Бидуни ягон мушкилӣ ба Тошканд омадем. Кормандони шуъбаи нейрохирургияи Академияи тиббиёти Тошканд моро хуб пазируфтанд. Дасти ҷарроҳони ин ҷо сабук будааст. Аз онҳо сипосгузорем. Ҳоло аҳволи ҳамсарам хуб аст.

Комилҷон Абдураҳмонов, дотсенти кафедраи онкологияи Донишкадаи такмили ихтисоси шифокорони Тошканд, дорандаи медали "Шуҳрат" мегӯяд:

– Ба шифохонаи мо, хусусан аз вилояти Суғди ба вилояти Тошканд ҳамсарҳад бисёр беморон меоянд. Ман дар оилаи академик Фозил Абдураҳмонови духтур ба дунё омадаам. Донишкадаи тиббии Душанберо хатм кардаам. Бо тақозои тақдир дар Тошканд кору зиндагӣ мекунам. Ба дарди ҳамдиёрон марҳам шудан барои ман бахти бузург аст. Дар навбати худ медонам, ки беморон барои табобатгирӣ аз вилояти Сурхондарё ба муассисаҳои тиббии Душанбе мераванд.

Аббос Ҳазратқулов, раҳбари фирмаи сайёҳии "Бӯстон туризм сайёҳлик"-и шаҳри Самарқанд мегӯяд:

– Баъди он, ки сарҳадҳои ду кишвар боз шуданд, ба Самарқанди куҳан аз Тоҷикистон сайёҳон бисёр меоянд. Мо онҳоро аз имкониятҳои сайёҳии шаҳрамон баҳраманд менамоем. Бо назардошти дархости сайёҳон доираи хизматрасонӣ, хусусан адои хизмати меҳмонхонавиро ба сатҳи нав баровардем. Ин омилҳо имкон медиҳанд, ки ҷойҳои нави кор барпо кунем. Ман зодаи шаҳри Ургут ҳастам. Ҳама хуб медонанд, ки ургутиҳои муқими шаҳри Душанбе барои равнақи тадбиркорӣ дар мамлакати ҳамсоя ва дӯст саҳми бузург доранд. Чанде пеш ман аз шаҳри Панҷакент гузашта, ба воситаи ағбаи Анзоб ва масканҳои зебову дилрабои Варзоб ба Душанбе рафтам. Дар он ҷо ҳам имконоти сайёҳӣ вусъат ёфтааст. Ман ният дорам бо соҳибкорони тоҷик лоиҳаҳои самарбахшро татбиқ созам.

Маҳсули ин гуна ҳамкориҳоро дар ҳамаи соҳаҳо дидан мумкин аст. Профессор Сабур Абдуллоев аз олимони маъруфи соҳаи кимёи физикист. Ӯро дар берун аз Тоҷикистон ҳам мешиносанд.

– Чанд сол пеш барои иштирок дар анҷумани илмие, ки дар Куала-Лумпур баргузор мегардид, аз сабаби он, ки раводиди Ӯзбекистонро надоштам, аз хизмати киштии ҳавоии "Ӯзбекистон ҳаво йӯллари" истифода бурда натавониста, аз Душанбе ба Маскав, аз Маскав ба Малайзия парвоз карда будам, – мегӯяд ӯ. – Ҳоло бошад, бемалол ба Тошканд омада, аз ин ҷо ба гӯшаҳои мухталифи дунё парвоз кардан мумкин аст.

Дар бозорҳои шаҳри Хуҷанд имрӯз молҳои истеҳсоли Ӯзбекистонро бисёр дидан мумкин аст. Соҳибкорони тоҷик ба зарбулмасали "Ангур зи ангур гирад ранг, ҳамсоя зи ҳамсоя гирад панд" амал карда, бо ҳамкасбони ӯзбекистониашон дар ҳамаи соҳаҳои истеҳсолот ҳамкории самарабахшро ба роҳ мондаанд. Қарордодҳои баимзорасидаи ду ҷониб, хусусан вилоятҳои ҳамсарҳад (масалан, Фарғонаву Суғд) намунаи беҳтарини ҳамкориҳоро намоиш медиҳанд. Бояд гуфт, ки табодули маҳсулоти ду тараф дар соли 2018 нисбат ба соли 2017 131 фоиз афзудааст. Умуман, дар тӯли се соли охир ин нишондиҳанда шаш баробар афзуд. Хусусан, ҳамкориҳо дар соҳаи энергетика, кимё, саноати сабук, озуқаворӣ назаррасанд.

Чунин ҳамкориҳои судманд, хусусан дар соҳаи адабиёт ва санъат бештар ба назар мерасанд.

Ҷӯраи ӯзбекон, ҳунарпешаи беҳамто Ҷӯрабек Муродов пас аз солҳои тӯлонӣ ният дорад тобистони соли ҷорӣ дар минтақаҳои гуногуни Ӯзбекистон барномаҳои консертиашро тақдим кунад.

– Аслан забони ҳофизон забони дӯстиву бародарист,– мегӯяд акаи Ҷӯрабек. – Дар ин роҳ ман ҳамеша собитқадам будам ва чунин хоҳам буд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар Муроҷиатномааш ба Олий Маҷлис зикр кард, ки Ӯзбекистон соли ҷорӣ низ муносибатҳои дӯстона, ҳамкориҳои судбахшро, пеш аз ҳама, бо давлатҳои ҳамсоя идома хоҳад дод. Оре, сафарҳои таърихии президентҳои муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон ба пойтахти давлатҳои якдигар фазои мусоиди дӯстиву ҳусни якдигарфаҳмӣ, муҳити сулҳу осоишро барои халқҳои ду кишвар, ҳатто минтақа ва ҷаҳон фароҳам овард. Ҳақ бар ҷониби Мавлоно Ҷалолиддини Балхии Румист, ки фармудааст:

*Ту барои васл кардан омадӣ,*
*Не барои фасл кардан омадӣ.*

**Шоқаҳҳор САЛИМОВ,**
**шореҳи сиёсӣ.**

*Идораи адлияи пойтахт Иттиҳодияи ҳаваскорони авиатсияи шаҳри Тошкандро ба қайд гирифт.*

# ИТТИҲОДИЯИ ҲАВАСКОРОНИ АВИАТСИЯ

## ба қайд гирифта шуд

Агар ба таърихи авиатсияи дунё назар афканем, оид ба пайдо шудан ва то ба ҳолати имрӯзаи расидани соҳа фактҳои зиёдеро дучор меоем.

Таъкид намудан ҷоиз аст, ки ин ташкилоти ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ таҷрибаи ғанӣ дорад. Ҷавонони соҳибистеъдод дар ин ҷода фаъолият нишон медиҳанд. Декани факултети авиакайҳонии Донишгоҳи давлатии техникӣ, номзади илмҳои техникӣ, устоди варзиш ва ҳакам аз рӯйи варзиши моделӣ Нуриддин Абдуҷабборов ба ҷавонони ташкилоти мазкур роҳбаладӣ менамояд.

Моҳи феврал сафи аъзои иттиҳодия аз ҳисоби хатмкунандагони мактабҳои олии марбути соҳа ва факултетҳои он, ходимони аэропорти пойтахт, мураббиён ва ҳакамони ракетамоделистони авиатсионӣ, конструкторони моделҳои парвозкунанда, ҷавононе, ки парвозро орзу мекунанд, зиёд шуд.

Минбаъд дар он семинар ва чорабиниҳо доир ба авиатсия баргузор гардида, диққати мутахассисони хориҷиро ба он ҷалб карданианд. Барои иштирок дар мусобиқаҳои соҳа даъват кардани ҷавонони хориҷиро низ ба нақша даровардаанд.

**К. СУЛТОНОВ.**

# ХАБАРҲО

## Маънавият – кафолати рушд

***Соли рушди илм, маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ дар назди зиёиён ва тарғибгарони маърифат вазифаҳои боз ҳам амиқтар мегузорад. Корҳои муҳиме, ки дар ин самт бояд ба иҷро расонда шаванд, дар Барномаи давлатии тасдиқшуда низ ифода ёфтаанд.***

Дар чорабиние, ки дар Маркази маънавият ва маърифат таҳти мавзӯи «Рушди илм, маърифат ва технологияи рақамӣ – кафолати тараққиёт» баргузор гардид, аз ҳамин бобат сухан рафт. Таъкид ёфт, баланд бардоштани фаъолнокӣ ва самаранокии корҳои тарғиботӣ дар байни аҳолӣ, дар қалб, зеҳн ва тафаккури одамон ташаккул додани ғояҳои пешқадам, фаҳмондани моҳияти Барномаи давлатие, ки дастуруламали муҳим ба тарғибгарони маърифату маънавият аст, аз вазифаҳои муҳими рӯз мебошанд. Аз рӯи масъалаҳои муҳиме, ки муҳокима гаштанд, тавсияҳо таҳия шуданд.

## Нашри даврӣ – манбаи муҳим

***Дар Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавии назди Маъмурияти Президент суҳбати даврӣ дар мавзӯи «Натиҷаи ҷустуҷӯҳо аз хазинаи манбаъҳо» рӯйи кор омад.***

Дар он таърихнигорон, ходимони китобхонаҳои бонуфуз, библиографҳо ва вакилони расонаҳои ахбори оммавӣ иштирок намуданд. Ба чорабинӣ манбаъҳое, ки дар фонди Китобхонаи миллии Ӯзбекистон нигоҳдорӣ мешаванд, асос гардиданд. Дар қатори дурдонаҳои маънавӣ, ки дар ин китобхона маҳфузанд, нашрҳои даврии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Тошканд ва дигар шаҳрҳо чопшуда низ имрӯз манбаъҳои нодиранд. Ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ, адабию мадании халқҳои мо дар як давраи муайяни таърихӣ дар онҳо инъикос ёфтаанд.

Аз солҳои 2010-2012 ба тайёрсозии варианти электронии он нашрҳо аз ҷумла, рӯзномаҳои «Тараққиёт», «Садои Фарғона», «Улуғ Туркистон» ва маҷаллаи «Оина» шурӯъ шуд.

## Чорабиниҳо бахшида ба ҷашни бонувон

***Аз ҷониби Шӯрои ҷумҳуриявии иттиҳодҳои касабавии ходимони фан, таълим ва маданият ба муносибати 8 март – Рӯзи занону духтарон дар Театри давлатии миллӣ-драмавӣ чорабинии фарҳангӣ бо унвони «Диёре, ки бонувонаш қадр ёфтаанд» шуда гузашт.***

Дар он муаллимаю мураббияҳо, фаъолаҳое, ки дар риштаҳои илму фан, маданият ва санъат хидмати босазо кардаанд, иштирок намуданд. Дар ҳузури Шӯрои ҷумҳуриявӣ 18231 муассиса мавҷуд ва дар онҳо 1 миллиону 482 нафар аъзо кор мекунанд, ки 65 фоизи онҳоро бонувон ташкил менамоянд. Барои офаридани шароитҳои мусоид ба ходимон чораҳо андешида мешаванд. Дар таълим, омодасозии кадрҳои лаёқатнок ва ислоҳот дар соҳа онҳое, ки комёбиҳо ба даст овардаанд, ба мукофотҳо пешбарӣ мегарданд. Дар тадбири маънавии зикршуда низ як гурӯҳ пешқадамон бо «Ташаккурнома» ва туҳфаҳои арзишнок тақдиронида шуданд.

***

***Дар деҳаи Мирани ноҳияи Пискенти вилояти Тошканд бо иштироки як гурӯҳ занони собиқадор, ки асосан дар риштаи таълим хидмати сазовор кардаанд, чорабинӣ бо унвони «Зани оқила – бахти зиндагӣ» баргузор гардид.***

Баромад ва шеърхониҳо дар таҳнияти занмодар ба ҳозирон таассуроти хуб гузошт.

Фаъолони маҳалла, ходимони шуъбаи таълими халқ, вакилони ҳокимияти ноҳия айни замон ба хонадонҳо рафта, аз муаллимаҳои собиқадор хабар гирифтанд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# ВОХӮРӢ БО ҶАВОНОН

***Ба ҷавонон эътибор додан, хоҳишу талабҳои онҳоро шунидан ва дастгирӣ кардан вазифаи ҳар як идораи давлат аст, зеро насли наврас сутунҳои ояндаи ҷамъиятанд.***

Дар инспексияи давлатии андози шаҳри Гулистон мулоқоти доимӣ бо ҷавонон ба роҳ монда шудааст. Вохӯрии навбатии роҳбари инспексия Ҷаҳонгир Раҷабов дар мактаби таълими умумии рақами сеюми шаҳри Гулистон баргузор гардид. Дар он хонандагони мактаб ва намояндагони шӯрои иттифоқи ҷавонони шаҳр иштирок карданд.

– Президенти мамлакат дар Муроҷиатномааш ба Олий Маҷлис қайд кард, ки ба ҷавонон эътибори доимӣ додан, онҳоро дастгирӣ кардан вазифаи таъхирнопазири кунунӣ аст,– гуфт Ҷ. Раҷабов. – Зеро давом додани кори имрӯзаи падарон дар ояндаи наздик ба дӯши шумо мегузарад. Аз ин рӯ, шумо бояд соҳиби дониши амиқ, маънавияти баланд бошед.

**Тӯхтамиш БОҚИЕВ,**
**хабарнигори "Овози тоҷик" дар вилояти Сирдарё.**

### Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш нашудааст



*Ходимони раёсати дар вилояти Сурхондарё будаи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, хонандагони мактаби махсуси рақами 9-уми шаҳри Тирмиз аз аҳволи иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон ва собиқадорони ақибгоҳи фронт, ки дар маркази воҳа зисту зиндагӣ мекунанд, хабар гирифтанд. Хотираҳои иштирокдори Ҷанги дуюми ҷаҳон Шералибобо Ҳайдаров, ки баҳори 95-уми умри худро истиқбол гирифтааст, ба онҳо таассуроти амиқ гузошт.*

*Худи ҳамон рӯз онҳо дар хонаводаи иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон Мидҷаҳидбобо Ҳодиев, Хуррамбобо Муртазоев ва собиқадори меҳнати ақибгоҳи фронт Ҳумойиддинбобо Шарофиддинов рафта бо ин пирони нуронӣ суҳбат карданд, саргузаштҳои душвору пурифтихори онҳоро шуниданд.*

***Суратгир: Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ (ЎзА).***

# ГИРОМИДОШТИ ИШТИРОКДОРОНИ ҶАНГ

***Аз ҳоли солхӯрдагон хабар гирифтан ва аз мушкилиҳои рӯзгори онҳо воқиф гардидан барои ҳар як роҳбар бояд кори рӯзмарра бошад.***

Ба наздикӣ раиси Шӯрои ҷамоатии назди Вазорати мудофиа Иқбол Мирзо ба ифтихори 75-солагии Ғалаба бар фашизми Олмон ба хонадони сокини шаҳри Ҷиззах, иштирокдори Ҷанги дуюми ҷаҳон Мустафо Умаров ва истиқоматкунандаи маҳаллаи Қӯшбармоқи ноҳияи Шароф Рашидов Мамашариф Сиддиқов ташриф оварда, барои ҷасорату корнамоиҳои ин ду тан ҷанговар дар майдонҳои ҳарб миннатдорӣ изҳор намуд.

— Бо амри дил фарзандони диёр Ватан, қалъаву истеҳкомҳои онро мардонавор ҳифз намудаанд. Дар ин роҳ шумо барин ҷанговарон ба ҷавонон намунаи ибрат гаштаед, – гуфт Иқбол Мирзо.

Ҳамчунин кормандони садорати корҳои мудофиаи вилоят ва шуъбаҳои ноҳиявии он, хидматчиёни округи ҳарбии марказӣ аз ҳоли сокини ноҳияи Зомин Пирназар Аҳмедов, ки синнаш ба сад расидааст, хабар гирифтанд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# ЁДЕ АЗ МАШЪАЛАФРӮЗИ МАОРИФ

Ҳар вақт суҳбат аз боби мактабу маорифи ноҳия равад, дар радифи маъруфтарин сарсупурдаҳои ин соҳаи пурмасъулият ва бошараф номи Ҳомидҷон Одилови шодравон вирди забон мегардад.

Ҳамидҷон Одилов соли 1910 дар деҳаи Қалъа дида ба олами ҳастӣ кушодааст. Падараш аз зумраи деҳқонони пухтакори деҳа ба шумор мерафтааст. Соли 1928 мактаби миёнаро хатм карда, ба шаҳри Самарқанд рафта, дар техникуми омӯзгорӣ машғули таҳсил шудааст. Баъди хатми он дар мактаби ба номи Ленини ноҳияи Сӯх ба сифати муаллими синфҳои ибтидоӣ фаъолияташро оғоз намудааст. Сипас дар мактаби ба номи Пушкин омӯзгор шуда фаъолияташро идома додааст. Вақте ки Ҳомидҷон Одилов дар кори таълиму тарбия худро нишон медиҳад, ба дӯши вай вазифаи директори мактаби таълими умумии рақами 7-ро супурдаанд, ки ҳамон солҳо аз мактабҳои обрӯмандтарини ноҳияи Сӯх муаррифӣ мешудааст.

*"То соли 1942 дар ин мактаб директор шуда кор кардам. Ҷанги хонумонсӯз аллакай сар шудаву тамоми ҷавонмардони деҳаи мо низ ба ҷанги зидди фашизм сафарбар мешуданд. Ман низ натавонистам, ки аз ҳамдиёрони худ ақиб монам ва ба комиссариати ҳарбӣ рафта, ариза навиштам, ки ба майдони ҷанг меравам. То моҳи феврали соли 1943 дар полки пулемётандози Фронти 2-юми Украина дар набардҳо ширкат кардам. Аммо зимни яке аз муқовиматҳои шадид, ки душман низ мавқеи худро бо устуворӣ ҳимоя мекард, ҷароҳати вазнин бардоштам. Маро чанд муддат дар госпитали ҳарбӣ мавриди муолиҷа қарор доданд ва баъд ба ақибгоҳ гусел карданд",* – мехонам аз дафтари бо мурури солҳо зардшудаи хотироти Ҳомидҷон Одилов.

Ҷанги хонумонсӯз анҷом ёфт ва маҷрӯҳи гурӯҳи дуюм шуда, ба диёр баргашт ва хост, ки ба касби дӯстдоштааш – омӯзгорӣ пардозад. Вай дар давоми фаъолиятҳои бисёрсолаи худ бо ордену медалҳои зиёди меҳнативу ҷангӣ сарфароз гаштааст. Аз ҷумла, барои ҷасорат дар ҷанги зидди фашизм бо ордени дараҷаи сеюми "Слава", медалҳои "Барои меҳнати фидокорона", "Нишони фахрӣ" мукофотонида шуд. Ҳамчунин, Аълочии маориф буд. Дере нагузашта ӯро ба мактаб боз директор таъин карданд. Дар ин вазифа то соли 1949 кор кард.

"Рӯзе маро ба садорати маорифи вилоят даъват карданд. Он ҷо дар баробари масъалаҳои зиёди мактабҳои вилоят масъалаи таъини мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Сӯх низ баррасӣ гардид. Сардори садорат сонӣ ба ман рӯй овард:

– Ин ҷо машварат карда, ба ҳамин хулоса омадем, ки соҳаи маорифи ноҳия ба шумо барин кадри болаёқат ва бофарҳангу кордон хеле эҳтиёҷ дорад. Акнун сарварии маорифчиёни ноҳияро ба дӯши шумо мегузорем ва бояд он ҷо низ сифати таълиму тарбия рӯ ба беҳбуд оварад".

Ин ҳарфҳои қотеъонаи сардори садорати маорифи вилоят вайро водор кардааст, розӣ шавад, ки ин вазифаро бар дӯш мегирад. Ҳомидҷон Одилов ба Сӯх баргашта, барои беҳбуди кори таълиму тарбия ҷиддан машғул шудааст.

Ҳамзамон барои соҳиби маълумоти олӣ шудан таҳсилашро дар шуъбаи ғоибонаи Донишкадаи омӯзгории Фарғона идома дода, онро соли 1951 бомуваффақият хатм намудааст. Солҳои 1952-1953 сарварии мактаби ба номи Марксро бар ӯҳда доштааст.

Ӯ соли 1953 директори ин мактаб таъин шуда, ки дар деҳаи Тӯл воқеъ гашта буд. Масофаи байни Қалъа ва Тӯл тақрибан 20 километрро ташкил медиҳад. Баъзан субҳи барвақт бо мотосикл ба кор рафта, шом ба хона бармегашт. Аммо баъзан ҳамон ҷо шабро рӯз мекард.

Ҳомидҷон Одилов соли 1968 барои хизматҳояш дар соҳаи таълиму тарбия ба гирифтани унвони Муаллими хизматнишондодаи Ӯзбекистон ноил шудааст. Чандин бор аз ҳавзаи интихоботии "Юқорикӯрғон"-и Сӯх депутати шӯроҳои халқи ноҳия ва вилоят интихоб гардидааст.

20 майи соли 1981 дар синни 70 дили Ҳомидҷон Одилов аз задан боз монд.

Рӯзе падарам ҳадаҳа аз мактаб ба хона баргаштанд. Ба модарам, ки директори мактаби рақами 14 буданд, рӯй оварда гуфтанд, ки дӯсташон Ҳомид Одилӣ аз ҳаёт даргузаштааст.

– Одамӣ як бор ба ин дунё меояду меравад. Ба деҳаи Қалъа рафта, дар ҷанозаи ӯ иштирок мекунам ва ба наздикону пайвандонаш тасаллият мегӯям, – гуфтанд падарам.

Баъд бо ҳамон саросемагӣ мошинашонро аз гаражи ҳавлӣ бароварда, бо ду-се нафари дигар ба деҳаи Қалъа равон шуданд.

Ҳамон вақт донистам, ки ин ду муаллими куҳансолро кайҳо боз риштаҳои дӯстӣ ба ҳам васл менамудааст. Баъди ин ҳодиса падарам баъзан аз Ҳомидҷон Одилов ёдовар мешуданд ва мегуфтанд, ки вай хеле одами ҳалолу пок буд, тарзи либоспӯшии ӯ ба ҳама писанд меомад.

– Ягон бор надидаам, ки дар либос ва пойафзоли ӯ гарду чанг шишта бошад. Ҳамсараш ҳамеша кӯшиш мекард, ки шавҳараш бо либосҳои озода ба мактаб равад, – бо шавқ мегуфтанд падарам.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ФАЪОЛАҲОИ ИМРӮЗ

***Бояд зикр намуд, ки дар ҳар давру замон занон бо меҳнати шоистаи худ дар таърихи миллат нақши сазовор гузоштаанд. Низомҳо дигар мешаванд, сиёсатҳо тағйир меёбанд, вале зан-модар, ки гавҳари ӯро меҳру муҳаббат, самимият ва покию иффат ташкил медиҳад, ҳама вақт нерӯе боқӣ мемонад, ки ҷамъият ба ӯ эҳтиёҷ дорад.***

***Роҳбари давлат дар Мурочиатнома ба Олий Маҷлис ба масъалаи занону духтарон алоҳида истода гузашт ва таъкид намуд, ки бонувони болаёқат, маълумотноку соҳибтаҷриба бояд ҳар чи бештар ба роҳбарӣ дар идора ва ташкилотҳои давлатӣ ҷалб карда шаванд. Ҷомеа тақдириояндаи хешро ба дасти насли наврас – ҷавонон месупорад, ки ҷавҳари аслии рушду камоли онҳо зан ҳисоб меёбад. Занон таконбахшандаи дигаргуниҳои ҷамъиятӣ мебошанд, онҳо ҳамеша мекӯшанд, ки баҳри фарзандонашон шароити беҳтарро фароҳам оваранд. Зан-модар омода аст ба хотири ҳифзи фарзандон, ба вуҷуд овардани рӯзгори пурсаодат, таълиму тарбияи онҳо ба ҳар гуна фаъолият – сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маишӣ шуғл варзад.***

***Дар атрофи мавзӯъ бо чанде аз фаъолаҳои корхонаву ташкилотҳо суҳбат оростем.***

**Муҳаббат ҶӮРАЗОДА, муҳаррири бахши тоҷикии радиоканали «Маҳалла»:**

– Таърих гувоҳ аст, ки нобаробарҳуқуқӣ, вазъияти сахти зан дар оила ва ҷамъият, ҳамчун шахс эътироф нашудани ӯ, ки аз оддитарин ҳуқуқ маҳрум буд, дар вуҷуди нозуки ӯ занҷири сарбаста ва тангеро мемонд. Шукр, имрӯз соҳае нест, ки бидуни зан вуҷуд дошта бошад, аз ин рӯ ба мавқеи зан бояд эҳтиром гузошт. Барои баланд бардоштани мавқеи зан, пеш аз ҳама маърифати ӯро ҳамаҷиҳата бояд баланд бардошт, донишу ҷаҳонбинии ӯро васеъ гардонд. Симои зан – чеҳраи асилу ошнои зани покиза, ниҳоди пуртаровати бонувон аст.

**Рисолат МАДИЕВА, журналист:**

– Имрӯзҳо дар қатори мардони сиёсатмадори шинохта бонувонро низ дидан мехостам. Воқеан ҳам кайҳо замони он расида, ки занҳои мо дар сиёсат низ қудрати хешро санҷанд. Мавқеъ ва манзалати зан аз нигоҳи дини ислом хеле ба шарофат аст. Агар зани имрӯз аз маърифати исломӣ огоҳ мебуд, ба душвориҳое, ки пеш омадаанд, дучор намешуд. Барои занон бояд рӯзномаву маҷалла, намоишҳои телевизионӣ, марказҳои маърифативу истироҳатиро зиёд намуд, то бо маърифат ва огоҳ бошанд. Алҳол дар ноҳияи мо «Мактаби хушдоман» ва «Мактаби арӯс» ташкил карда шудааст, ки ба он хушдоманҳои пурдида, батамкин ва хушмуомиларо ҷалб менамоем. Онҳо ба арӯсон оиди оиладорӣ, тарбияи кӯдак, муносибат ба аъзои оила, пухтупаз маслиҳатҳо медиҳанд.

**Раъно АБДУЛЛОЕВА, соҳибкор аз ноҳияи Чилонзори пойтахт:**

– Фикри баъзе занон чунин аст: мард соҳиби рӯзгор аст, ӯ бояд оиларо таъмин намояд. Ин тоифа занҳо баробарҳуқуқиро хуб медонанд, аммо баҳри таъмини рӯзгор, хӯрондану пӯшондани фарзандон бисёртар аз марди хона талаб мекунанд. Ман дар ҳавлии худ сехи нонпазӣ ташкил кардам. Ҳамчун соҳибкори хонакор ҳуҷҷат омода намудам ва алҳол намудҳои гуногуни нонро мепазем. 4-5 нафар духтарони маҳалларо бо кор таъмин намудам. Барои ба роҳ мондани соҳибкорӣ дониши пухта лозим аст.

**Шарофат ҲАЙДАРОВА, гинеколог-момодоя аз деҳаи Сойихурди ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ:**

– Баъзе модарону духтарони мо вазифаи асосии хешро дар оила мебинанду халос. Ҷалби занон ба корҳои роҳбарӣ зарур аст. Зан бояд дар идораи давлатӣ низ шарики мард бошад. Масъалаи баробарии ҷинсӣ яке аз омилҳои баланд бардоштани мавқеи зан, мақоми ӯ дар ҷомеа, маърифати ҳуқуқии ӯ ва худи ӯ аз хушунати зӯровариҳои ҷомеа мебошад. Баланд бардоштани мавқеи зан аз худи занҳо вобаста аст. Рӯзгоре соҳиби маълумоти тиббӣ шудани занон манъ буда, байни ҷарроҳон зан набудааст. Аммо баъди вафоти Берри Ҷеймс ном ҷарроҳи англис, ки дар олами тиб машҳур буд, маълум шуд, ки ӯ зан будааст. Маргарет, яъне Берри Ҷеймс фарзанди оилаи баобрӯ ва сарватманд будааст. Ӯ, ки касби шифокориро дӯст медошт, худро ба қиёфаи мард андохта, ба ҷарроҳии беморон машғул шудааст ва дар ин роҳ ҳатто аз оила ва фарзанддорӣ даст кашидааст.

Зани имрӯзро солим дидан мехоҳам, кӯдакони солиму сиҳатро маҳз модари солим ба дунё меорад. Зани имрӯз дигар пойбанди кӯркӯронаи амри шавҳару ҳукми падар не, балки бояд ҳамқадами замон ва аз ҳама илму ҳунар огоҳ бошад.

Суҳбаторо
**Саодат БЕКНАЗАРОВА, хабарнигори «Овози тоҷик».**



*Ба қарибӣ дар кошонаи «Зуҳранисо»-и ноҳияи Тошканди вилояти Тошканд ҷашни байналхалқии занону духтарон – 8 Март васеъ таҷлил гардид. Дар он заноне, ки дар тамоми шаҳр ва ноҳияҳои вилоят меҳнати сидқидилона кардаанд ва бонувоне, ки ҳоли ҳозир дар ҷанбаҳои гуногун хидмат мекунанд, даъват шуданд. Ҳокими вилоят Рустам Холматов, узви Сенати Олий Маҷлис Маҳмуд Тоир ҷамъомадагон ва дар симои онҳо кулли занону духтарони вилоятро самимона муборакбод карданд. Ба 30 нафар занон «Ифтихорнома»-ҳои ҳокимияти вилоят, ба 24 нафар бонувон нишони сарисинагии «Мӯътабар аёл» супурда шуд. Ба занону бонувоне, ки баҳри ривоҷи вилоят саҳм гирифтаанд, ба духтарони дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти вилоят пешқадам туҳфаҳои идона супурда шуданд. Ҳунарпешагон ва овозхонҳои ҷавон ҳозиронро бо сурудҳои дилнишин хушнуд карданд.*

***Суратгир: Даврон АҲМАД.***

# ДУР АЗ МОДАР

Ман ҳеҷ гоҳ аз модарам дур нашуда будам. Вақте донишҷӯ шудам, ба диданн ӯ дер-дер мерафтам ва донистам, ки модарам мазмуни ҳаёти ман, сарпаноҳу такягоҳи ман будааст. Шабҳо дар хоб модарамро мебинам – гоҳ дар танӯри тафсон нон мебандад, гоҳ дар деги калони оташдон хӯрок мепазад, ҷомашӯӣ мекунад, гоҳ аз дастам дошта ба коғази сафед ҳарфҳоро мечинад, гоҳ омада ба болоям кӯрпа мепӯшонад, аз рӯям бӯса мегирад... Модар фарзандашро ҳамеша ба роҳи рост ҳидоят мекунад. Шоир фармудааст:

*Саҳар аз хоби ширинаш бихезад,*
*Сафо бар рӯи пурчинаш бирезад.*
*Нурафшон карда модар хонаву дар,*
*Назар бар ҳоли фарзандаш бидӯзад.*

Аз модаре пурсидаанд: «Кадоме аз фарзандҳоятро дӯст медорӣ?»

Модар ҷавоб додааст: «То сиҳат шудан фарзанди беморамро, то аз сафар баргаштан фарзанди мусофирамро, то бузург шудан фарзанди хурдамро, то рӯзи вафотам ҳамаи онҳоро дӯст медорам».

Ба ҳар як инсон модар яккаву танҳост. Мо, фарзандон бояд ба қадри ӯ бирасем, бо кору амалҳои ношоистаи худ дили ӯро озурда, ашки чашмонашро равон, қомати болояшро хамида нагардонем. Бибиву модарон ғаниматанд.

Ба гуфтаи шоир:

*Аё модар, шунидам пир гаштӣ,*
*Барои бачаат дилгир гаштӣ.*
*Маро тақдир берун аз Ватан кард,*
*Ту ҳам бемори ин тақдир гаштӣ.*

**Манзура ЙӮЛДОШЕВА, донишҷӯйи гурӯҳи тоҷикии Донишкадаи омӯзгории Чирчиқ.**

# АНДЕШАҲО ДОИР БА ЗАН-МОДАР

Модар барои фарзанд офтоберо мемонад, ки барояш оламро мунаввар месозад, чун моҳтобест, ки ҳаёташро ҳусну таровати ато мекунад.

***

Модар илҳомбахш ва сарчашмаи корҳои бузурги фарзанд аст. Модар барои фарзанд бахшандаи нуру зиё ва маърифати инсонӣ низ мебошад.

***

Аллаи модар суруди ҷонбахшу дилнишин, сарчашмаи одобу ахлоқ аст.

***

Зани нек гули хонадон ва сариштаи оташдон аст.

***

Аз зане, ки оқилаю доно, покдил, хушхулқ, хушлибос, хушрафтор, хушгуфтор, ростгӯю ширинзабон аст ва муҳимаш ба шавҳараш хиёнат намекунад, бӯйи биҳишт меояд.

***

Хоксорию шарму ҳаё зинати духтарон ва арӯсон мебошад.

***

Модар шахсияти бузургтарину муқаддастарин, аз меҳрубониву дилсӯзии ӯ ҳам инсоният ва ҳам табиат баҳраманд мешавад.

***

Модар симои зебоиву озодагӣ ва дарёи меҳру шафқат аст.

Таҳияи
**М. ПӮЛОДӢ.**

# *Лабхандҳои беғубор*

– Хайрият дар асри XX ба дунё наомадаам, – гуфт хонуме.

Дугонааш: – Ба дунё ой, чӣ мешудӣ?

Хонум: – Ё пир мешудам, ё мурда мерафтам.

**xxx**

– Ту ба сарам баромадӣ, ҷурғоти майнаамро баровардӣ, хунамро макидӣ. Бас, тоқатам намонд. Туро мекушам ва халос мешавам.

– Додош, ба кӣ гап мезанед?

– Ба хомӯшак.

**xxx**

Аз дафтари хотираи зани фарбеҳ:

«Ба оина нигаристам ва ба дилам ваҳм афтоду дар тарозу худро баркашидам. Даҳшат... Э, бас. Сабрам тамом!!! Оинаро шикастам, тарозуро чаппа кардам».

**xxx**

Зан маоши гирифтаашро ба ҳамён андохт, ба автобус савор шуд, ба хона рафт ва дид, ки ҳамён нест. Дар рӯзномае, ки кор мекард, эълон чоп кунонд: «Аз касе, ки ҳамёнамро дуздид ё ёфт, илтимос, аз болоям наханд. Ҳамин қадар маош диҳанд, ман чӣ кор кунам?»

**xxx**

Ду зан дар ошхонаи соҳили баҳр тановул мекунанд.

– Бамаза?

– Бале!

– Дугонаҷон, тушбераи тайёр ҳар қадар ба назарат ширин намояд, бидон, ки пулёбиат ҳамон кироӣ нест...

**xxx**

– Дугонаҷон, ба пешониат чӣ шуд?

– Занбур омада нишаст.

– Занбур... нишаст?

– Нагазад гуфта, зада куштанӣ будам, шавҳарам аз ман чаққонӣ кард: бо теша пачақ карда фиристод лаънатиро.

**xxx**

Зан:

– Шумо то кор накунед, оббозӣ намекунед?

Шавҳар:

– Ҳамин хел.

– Набошад, кор кардан даркор будаастда.

**xxx**

Писар:

– Оча, чаро дар сари додоям мӯй нест?

Модар:

– Чунки падарат бисёр «генӣ», яъне боақл!

– Набошад чаро сари шумо ин қадар сермӯй?

– Гапзаниро бас кун, таоматро хӯр!

Таҳияи
**Ш. МУҲАММАД.**

*Садсола шаведу...*

# ДАР АЁДАТИ МОМОИ САДСОЛА

Синни сокини маҳаллаи «Пилол»-и шаҳраки Варзики ноҳияи Чуст Зумрадҷонмомо Абдураззоқова ба 100 наздик аст. Дар арафаи ҷашни Наврӯз барои аёдати момо рафтем. Моро духтарони момо Роҳат ва Мағфират бо чеҳраи кушод пешвоз гирифтанд.

Маълум шуд, ки ҳар сол дар фасли баҳор ва ҷашни Наврӯз меҳмонони бисёр ба зиёрати момо меомадаанд. Он рӯз ҳам зиёраткунандагон зиёд буданд.

Соли 1945 баъди Ғалаба дар Ҷанги дуюми ҷаҳон Шарофбой Абдураззоқов аз як пояш ҷудо шуда ба зодгоҳаш – Варзик бармегардад ва ба Зумрад хонадор мешавад. Онҳо аҳлу тифоқ зиндагӣ карда, соҳиби 8 фарзанд мешаванд. Ҳоло духтарону писарони момо Инобатҷон 75-сола, Ҳанифахон 72, Сайфулло 70, писари хурдӣ Маъруфҷон 52-сола мебошанд. Набераю абера ва чабераҳои Зумрадҷонмомо аз 100 нафар зиёд аст.

– Ҳеҷ кас аз кор пир намешавад. Баръакс, меҳнат одамро аз бемориҳо халос карда, қувваташро дучанд мекунад, – мегӯяд момо. – Ба ин зиндагии ман гувоҳ аст. Як умр меҳнат кардам. Баробари кори саҳро бо кирмакпарварӣ машғул шудам. Он солҳо ҳаётамон чун ҳозира осоиштаву дастархонамон пурбор набуд. Вале шукр мекардем. Зеро мардон ба ҷанг рафта буданд, ҳамаи корҳои саҳроӣ бар дӯши мо – занон гузошта шуда буд, – ба хотир меоварад Зумрадҷонмомо.

– Тамоми фарзандони ӯ соҳибони касбу кори худ мебошанд. Бо меҳнати шоён дар маҳалла намунаи ибратанд. Набераҳои момои муборак Аҳадҷон ва Баҳодур сарварони хоҷагиҳои фермерии боғу токпарварии «Нурҳаёт – Исломбек» ва «Азизӣ» ба шумор мераванд. Бинои маҷмӯи тантанаҳои «Лабисой»-ро набераи дигари вай Ботирҷон бунёд кардааст. Кӯпруки таъмирталаби маҳаллаи Майдон низ аз ҳисоби маблағи Ботирҷон пурра аз таъмир баромад, – гуфт яке аз ҳамсоягони Зумрадҷонмомо Сабоҳат Валиева.

Ҳангоми бозгашт момо даст ба дуо бардошта, ниятҳои нек карданд, аҳли кишварро бо ҷашни Наврӯзи дилафрӯз табрику муборакбод намуданд.

**Шоҳида ДАМИНОВА, шаҳраки Варзики ноҳияи Чусти вилояти Намангон.**



*Гулпаршин Узоқбергенова фаъолияти омӯзгории худро аз соли 2000-ум оғоз намудааст. Алҳол ӯ дар муассисаи таълими томактабии рақами 399-уми бо номи «Ситораи истиқлол»-и ноҳияи Учтепаи пойтахт кор мекунад.*
*Туфайли ташкилотчигӣ ва ташаббускории ӯ кӯдакистони мазкур дар байни муассисаҳои намунавии пойтахт ҷой гирифтааст. Дар кӯдакистон барои аз ҳар ҷиҳат солиму комил ба воя расидани бачагон тамоми шароитҳо мавҷуданд.*
***Дар сурат:** дар муассисаи таълими томактабии рақами 399-уми ба номи «Ситораи истиқлол»-и ноҳияи Учтепаи пойтахт.*

**Суратгир: Ф. АБДУРАСУЛОВ (ЎзА).**

*Маросимҳои мо*

# МАРОСИМИ ДАФН

Имрӯзҳо урфу одатҳои вобаста ба марг ва азо, ҳамчунин чорабиниҳои ёдбуд то ҳадде мураккаб гаштаанд.

Тасаввур кунед: хонадон яке аз аъзои худро аз даст дод, маросими дафн акнун талафоти дигар, воситаи аз нигоҳи моддӣ хонахаробкун мебошад. Маъракае, ки соҳиби мурда дар рӯзҳои се, панҷшанбе, бист ва чил ташкил менамояд, харҷи калонро талаб менамояд. Ҳол он ки дар русуми исломӣ ба ташкил кардани ин гуна рӯзҳо ишорае нест. Дар китоби «Рад-ул-куфр»-и ирфонӣ гуфта шуда: «... ва аз тарафи аҳли майит ташкил кардани таому зиёфат макруҳ аст, зеро баргузории ин зиёфат хоси рӯзҳои хушист, на рӯзҳои мусибат ва ин бидъати зишт аст».

Дар китоби «Ҷомеъ-ул-баракот» зикр кардаанд: «Ва дар баъзе ҷойҳо баъд аз се рӯз, бисту чил рӯзу як сол таом пухта, ба дигарон бахшиш мекунанд ва онро «худойӣ» мегӯянд, эътибори шаръӣ надоранд».

Тавре дида истодаем, бегоҳи аввал, серӯзагӣ, бегоҳи ҷумъа, бисту чил ва сол, ки дар маъракаҳои мо расм шудаанд, натанҳо дар шариати исломӣ ҳамчун талаботи ҳатмӣ вуҷуд надоранд, балки аз ҷониби бузургони мазҳаби ҳанафӣ ҳукми макруҳро гирифтаанд.

Онҳое, ки чунин оинҳоро ба дин нисбат медиҳанд, дар ин масъала ба шариати исломӣ туҳмати ошкоро намудаанд. Албатта, мувофиқи шариати исломӣ инсон бояд худаш дар вақти зинда буданаш садақаву хайрот бикунад. Накӯкорие, ки инсон дар зиндагиаш мекунад, аз садақае, ки пас аз маргаш дар ҳаққи ӯ мекунанд, сад баробар савоби бештар доштааст. Чуноне ки Қуръони Карим фармуда: «Бахшишу садақа кунед аз он чизе, ки ба шумо рӯзӣ додаем, пеш аз он ки марг ба суроғи шумо биёяд...» (сураи «Мунофиқун», 10). Пайғамбарамон Муҳаммади Мустафо (с.а.в.) фармудаанд: «Албатта, агар инсон дар ҳаёти худ як дирҳам хайрот кунад, беҳтар аз садақаи сад дирҳам баъд аз марг аст». («Саҳеҳи Бухорӣ»).

Мувофиқи таълимоти исломӣ одоби азодорӣ чунин аст, ки наздикони майит бояд он рӯз аз навҳа ва доду фарёд, ки онро ҳазрати Пайғамбар «расми ҷоҳилия» номидаанд, худдорӣ намояд. Дар «Саҳеҳи Бухорӣ» омада, ки: «Майит ба сабаби гиряву фиғони баланди зиндаҳо азоб мекашад».

Аксарияти пешвоёни ислом бар онанд, пас аз се рӯз азодорӣ карда нашавад. Дини мубини мо нисбати ҳар амале, ки ба мӯъминон душворӣ мебахшад, муросокор нест. Ҳар фармуда аз ҷониби пешвоён ба осон сохтани мушкили бандагон нигаронида шудааст. Дар Қуръони Карим омадааст: «Худованд ба шумо сабукӣ мехоҳад ва хоҳони душворӣ барои шумо нест» (сураи «Бақара», 185).

**Зиёвиддин СОИЛОВ, имом-хатиби масҷиди ҷомеи «Даврон ҳоҷӣ»-и ноҳияи Сӯх.**

Аъзои Маркази милливу маданий тоҷикони вилояти Сурхондарё нисбати вафоти шоир **Абдуллоҳи РАҲМОН** сахт андӯҳгин буда, ба пайвандони марҳум ҳамдардии амиқ изҳор карда, сабри ҷамил мехоҳанд.

*Овози тоҷик*
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170. Фармоиши 2 Г-335. Адади нашр 1076, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.00

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.